$40 МЛН. АФЗОИШИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОНУ АФҒОНИСТОН с.7

МӮСОЗОДА: ФОЛБИНҲО ЗАНОНРО ГУМРОҲ МЕКУНАНД с.6

ШЕРАЛӢ КАБИР: 673 КОРХОНА АЗ ФАЪОЛИЯТ БОЗМОНД с. 9

ТОҶИКИСТОН

№29 (1488) 20.07.22 Оғози нашр: марти 1992

Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост!

АЗ ҚАЗИЯИ ЖУРНАЛИСТОН ТО ҲАВОДИСИ БАДАХШОН









ИЛДАР АҲМАДИЕВ

Ягона варзишгари тоҷик дар Чемпионати ҷаҳон

с.15

АНДЕША

Шикасти давлат аз шикасти идеология оғоз меёбад

с.3

ПУТИН ДАР ТЕҲРОН

Ситоиши Хоманаӣ аз амалиёти низомии Русия дар Украина

с.4

ДЕВАШТИЧ

Корманди Кумитаи замин ду фаррошро кушт

с.2

НИГАРОНӢ:

Пошхӯрии беш аз 7 ҳазор оила дар 6 моҳ

с.9

ЛАТОФАТ БАРЗИЕВА:

Потенсиали маро истифода накарданд

с.14

КАНЗИ ШИФО

10 маслиҳат ба одамони дилкасал дар гармо

с.13

ARZON.TJ | Сайт объявлений

Mercedes-Benz C-Класс, 1998

Объявление можно увидеть отсканировав QR код.

www.arzon.tj
Посетите наш сайт

Больше информации по номеру
(+992) 000-88-29-18



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ,
раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА,
академик

Фарҳод РАҲИМӢ,
президенти АИ Тоҷикистон, академик

Далер ҶУМЪА,
вазири энергетика ва захираҳои оби ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Ҷамшед САЪДУЛЛОЕВ,
профессор

Шералӣ РИЗОЁН,
сиёсатшинос

Абдулмаҷид УСМОНОВ,
Журналист

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ Фаронса

Ҳалима ХУШҚАДАМОВА,
Профессор, ҷомеашинос

Амина ШАРОФИДДИНОВА,
узви Анҷумани "Пайванд", Ӯзбекистон

Фазлиддин АСОЗОДА,
муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.

Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ РЕКЛАМА:
Ш. Душанбе, хиёбони И. Сомонӣ 3
44 601-35-95
director@tayron.tj

ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88
ads@rg.tj

ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО ВА ОБУНА
938-66-82-64, 221-41-11
furush@rg.tj

Pressa.tj: ХАБАР МЕДИҲАД

АЛИШЕР МИРЗОНАБОТ БА ПАРЛУМОН МЕРАВАД

Алишер Мирзонабот, раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳамчун номзад ба узвияти Маҷлиси миллӣ пешниҳод карда шудааст.

Дар ин бора ҳукумати ВМКБ аз қавли раиси комиссияи интихоботӣ дар ҳавзаи рақами 1-и вилоят Умедҷон Носирзода хабар додааст.

Қаблан КМИР Тоҷикистон қарор карда буд, ки интихоботи аъзои нави Маҷлиси миллӣ аз ВМКБ ва ноҳияҳои нобеи ҷумҳурӣ 26-уми август баргузор мешавад. Манбаъ таъкид кард, ки аъзои нав ба ивази аъзои қаблан хориҷшуда интихоб мегарданд. Пештар ваколатҳои Ёдгор Файзов, собиқ раиси ВМКБ пеш аз муҳлат қатъ гардиданд. Инчунин дар пайи барканорӣ аз вазифаи раиси ВМКБ, Файзов аз мақоми муовини раиси Маҷлиси миллӣ бозхонд шуд.

Интизор меравад, Мирзонабот дар пайи интихобаш ба узвияти Маҷлиси миллӣ, ба эҳтимоли зиёд мақоми муовини Рустами Эмомалӣ, раиси палатаи болоии парлумони ҷумҳуриро низ хоҳад гирифт.

АФЗОИШИ ТАВЛИДИ ТИЛЛО ДАР ТОҶИКИСТОН

- Истеҳсоли тилло дар Тоҷикистон давоми 6 моҳи соли равон 15% зиёд шуд,- иттилоъ дод Шералӣ Кабир, вазири саноат ва технологияҳои нави кишвар.

Ӯ зимни нишасти матбуотӣ гуфт, моҳи апрели соли равон корхонаи бузурги ТВЕА ва "ТАлКо голд" ба кор даромаданд, ки интизор меравад, нишондоди тавлиди тилло дар ҷумҳурӣ то охири сол боз беҳтар шавад.

Ба гуфтаи Шералӣ Кабир, дар Тоҷикистон 19 корхонаи тавлиди тилло фаъолият доранд, ки 4 ададашон чинӣ мебошанд. Аз инҳо бузургтаринашон корхонаи "Зарафшон" аст, ки 30%-и саҳмияҳои он моли Тоҷикистон ва бокимонда марбути Чин мебошанд.

Вазири саноат илова намуд, ки соли 2023 дар Тоҷикистон чаҳор корхонаи бузурги коркарди тилло ва дигар сангҳои қимматбаҳо барои чавоҳирот ба истифода дода мешавад.

ДЕВАШТИЧ. КОРМАНДИ КУМИТАИ ЗАМИН ДУ ФАРРОШРО КУШТ

Хабар расид, ки дар ноҳияи Деваштич корманди Кумитаи замин ду фаррошро ба ҳалокат расонидааст. Гуфта мешавад, ки ҳарду зан аъзои як оила, сокинони ҷамоати Ғазантарак мебошанд.

Тавре Sputnik бо истинод ба як манбаъ аз МИХД-и ноҳия дар саҳифаи "Телеграмм"-и худ хабар додааст, ин ду зан барои тоза кардани қитъаи замини ба онҳо бовар кардашуда рафтаанд ва пас аз он як мансабдор ҳозир шуда, бо онҳо сарукор гирифтааст.

«Мо, хизматчиёни давлатӣ, пас аз шунидани ин хабари мудҳиш ҳоло ҳам дар ҳолати шок ҳастем. Чаро ӯ ин корро кардааст, барои мо муаммост»,- шарҳ додаанд маъмурият.

Гуфта мешавад, ки гунаҳкор дарзамон боздошт шуда, додситонӣ аллакай аз рӯйи моддаи «Одамкушӣ» парванда боз кардааст.



ФУТБОЛБОЗИ ТОҶИКРО ЭРОН ХАРИД

Нимҳимоятгари мунтахаби миллии футболи Тоҷикистон Эҳсони Панҷшанбе расман бозингари дастаи "Зоб Оҳан"-и Эрон шуд.

Тавре Федератсияи футболи ҷумҳурӣ хабар медиҳад, Эҳсони Панҷшанбе аз дастаи "Навбаҳор"-и Намангон (Ӯзбекистон) ба ин тим гузашт, ки аз соли 2020 дар ин ҷо бозӣ мекард.

Қобили зикр аст, ки дар мавсими гузаштаи қаҳрамонии Лигаи олии футболи Эрон "Зоб Оҳан" зинаи 8-умро ишғол намуд.

Бино ба маълумоти дастаи футболи "Навбаҳор", нимҳимоятгар аз Тоҷикистон дар 43 вохӯрии ин даста (723 дақиқа) дар Суперлигаи Ӯзбекистон бозӣ карда, 2 тӯб вориди дарвоза намуда ва 2 тӯбро дар ҳамлаи муваффақона ба ҳамдастааш партофтааст. Дар мавсими нав Эҳсон дар 7 вохӯрӣ 75 дақиқа бозӣ кардааст.

Маблағи созишномаи молиявӣ байни "Навбаҳор" ва "Зоб Оҳан" дар мавриди гузаштани футболбоз ифшо намешавад. Қаблан чанде аз ВАО хабар дода буданд, ки Эҳсони Панҷшанбе ба маблағи 500-700 ҳазор евро фурӯхта шудааст.

САРИ САБЗ



Саттор ТУРСУН, Нависандаи халқии Тоҷикистон

- Муқоиса кунед, ки мо имрӯз чӣ қадар китоб мехонем ва чӣ қадар сақич мехарем. Пас мо бо ин аҳвол куҷо меравем? Мо бояд мағозаҳои хуби китобфурӯшӣ дошта бошем.

- Аллакай муқоиса кардем, устод! Як чизро мушоҳида кардем: Шумо инашро ба назар нагирифтед, ки ба замми сақич, чӣ қадар пуфак мехарем...



Наврӯз ТОҲИРЗОДА, прокурори гарнизони ҳарбии Бохтар

- Пешбинӣ кардани ҷазо барои сабти иҳотагарӣ лозим нест. Мо дар давлати демократӣ зиндагӣ мекунем ва бояд барои сабти қонуншиканӣ ва пешниҳоди он ҷавобгарӣ пешбинӣ нашавад.

- Рафиқ прокурор, кор дар гарнизони ҳарбӣ ба дилатон задааст чӣ? Ё боварӣ доред, ки парлумон лоиҳаи пешниҳоднамудаи Вазорати мудофиаро қабул намекунад?



Иброҳим РУСТАМОВ, муҳаққиқи намоёни тоҷик

- Агар ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна нигарем, дар Амрико бештар ба тарзи хондану навиштани хонанда аҳамият дода мешавад. Дар ҳоле, ки дар кишвари мо бештар фанҳоро меомӯзонанд.

- Агар таҳсилоти ибтидоиву миёнаи Амрикоро ба Тоҷикистон кӯчонем, хонандаҳоямон шояд фақат афсонаву қисса хонанд. Барои ҳамин, беҳтараш фанҳоро омӯзанд.

ШИКАСТИ ДАВЛАТ АЗ ШИКАСТИ ИДЕОЛОГИЯ ОҒОЗ МЕЁБАД

Меҳвари эҳё инсон аст. Инсони равшанзамир ториқистонро нуристон месозад, инсони вуҷудаш торику гирифтори чоҳи таассубу мансабу пулу мол ба ботлоқи нодонию ҷаҳолат мебарад. Аз ин ҷост, ки шикори ақлҳо ҳадафи мустамликадорон, мустамликахоҳон, қудратмандон, қудратхоҳон, ҳизбҳо, гуруҳҳо, мухолифон, дӯстон, душманон, ҳар касе, ки дар сар мақсаде дорад, қарор гирифтааст.



ИТТИЛООТ МАҶМӮИ КАЛИМАЮ ҶУМЛАҲОИ БЕРАБТЕ НЕСТ, КИ АКСАРИ РӮЗНОМАЮ МАҶАЛЛАЮ КИТОБҲО АЗ ОН ИБОРАТАНД. ИТТИЛООТ ШАДДАИ МАРВОРИД АСТ, КИ ХЕЛЕ УСТОКОРОНА ВА ҲАДАФМАНДОНА БА ҲАМ ЧИДА ШУДААСТ. ИТТИЛООТ ВИРУСЕСТ, КИ БА МАҒЗИ ИНСОН ВОРИД МЕШАВАД ВА АМР МЕДИҲАД: СОЗ Ё СӮЗ!...

Созандагию сӯзандагӣ ба ҳамин айният (маҳзҳо) вобаста аст. Ҳамин маҳзҳо силоҳе офариданд, ки сарҳадро намепазирад, ҳарос аз боҷу хироҷ надорад. Пеши роҳи онро гирифтан, маҳдуд сохтан, завлона ба дастонаш задан кӯшиши об дар ҳован кӯфтан аст. Дару девор барояш яксон аст. Холигие ёфт, пур мекунад, заифие ёфт, шикаст ворид месозад. Мисли гурбае дар пайти муш аст. Амали он нейтрону протонро ба хотир меорад, ки атомро аз ҳолати мувозинат берун месозанд. Яъне, аз хориҷ вориди атом мешаванд ва аз он ё иони манфӣ (майдони манфӣ) ё иони мусбат (майдони мусбат) месозанд. Қудрати он аз яроқи ҳастаӣ бузургтар аст, ба маҳзи сар ворид мешавад ва маҷрои ҳаракати онро дигар мекунад. Яъне, соҳиби маҳзро ё Қутайба ибни Муслим ё Деваштич, ё ҷоҳил ё соҳибмаърифат, ё хоин ё фарзанди вафодори Ватан месозад. Номи он иттилоъ (от) аст, ки ҳам ғизо барои маҳз асту ҳам ҳосили маҳз. Ҷавҳари он сухан аст, ки шифоҳию хаттию тасвирӣ созандаю сӯзанда мебошад. Агар он бамаврид, сари вақт, ноб, нотакрор, ҳадафмандона аст, чун рӯде хоҳад буд, ки нерӯи барқ тавлид мекунад. Сухан (иттилоъ) метавонад аз дил - барқи дамон ё аз забон - боди домони он бошад. Сухани парешону беҳадаф парокандалашкар, тири аз камон беҳадаф ҷаста аст.

Асри иттилоот сухани ноб, қалами ғуранда, буранда, сафшикани Ҳабиб Юсуфиро тақозо дорад. На сухану қалами онеро, ки аз надоштани мавқеъ гоҳ дар дӯл мезанаду гоҳ дар сӯл. Одами бемавқеъ маъмулан болонишин аст. Зеро ба ин ҳам бале мегӯяду ба он ҳам. Ӯ хатарноктар аз гурги гурусна аст. Морест, ки ба ҳар сурохӣ осон медарояду осон мебарояд, моҳиест лағжонак. Аз ӯ намебояд сухани бурандаю ғурандаю сафшикан интизор шуд...

Як ҳадафи идеология аз атоми нейтрал (дар аъроф монда) сохтани иони мусбат, таъсир ба маҳзи инсонҳост. Возеҳтар, ба даст гирифтани фазои иттилоотӣ, пеш бурдани идеологияе аст, ки барои расидан ба армони миллӣ мусоидат месозад.

Дар замони Ҳазрати Муҳаммад (с) масҷид, ки ҷойи намозгузорӣ ва амри маъруф буд, майдони ба ҳам овардани мардуми парешони араб (баъдтар доираи он васеъ гашт) ва роҳнамоии пешвоёни онон барои расидан ба аҳдофи миллии қавми араб маҳсуб меёфт. Маънӣ, ҳадафи идеологӣ дошт. Воқеан, масҷид бузургтарин бозёфт дар ҷаҳони ислом буд. Он мардуми парешони арабро ҷамъ меовард ва ҳадафмандона ба онҳо саф мебахшид.

Бузургтарин бозёфти Иттиҳоди Шӯравӣ чойхонаи сурх ва кинотеатрҳо буданд. Онҳо ҳам чунин нақшро барои расидан ба армони космополитии Давлати Шӯравӣ - бунёди ҷомеаи коммунистӣ иҷро мекарданд. Китоби Тора ҳам дар заминаи аҳдофи миллии мардуми яҳудӣ иншо ё тавре ки мардуми муътақид ба дину маҳзҳаб мегӯянд, нозил гаштааст.

Фазои интернетӣ ҳам дар заминаи ҳадафҳои миллату давлатҳое иншо гаштааст, ки мехоҳанд лаҷоми идораи ҷаҳонро ба даст гиранд.

Як дӯсти ман изҳор намуд, ки дар як деҳаи бузурги вилояти Хатлон нияти бунёди кохи фарҳангро дорад. Иқдоми шоиста ва сазовори таҳсин. Аз ӯ пурсидам, ки дар деҳа чӣ зарурате ба бунёди чунин кохи боҳашаммат аст? Посухи ӯ фишурда ва доманфаррох буд: баланд бардоштани сатҳи фарҳангӣ.

Албатта, бо як кох наметавон фарҳанги мардумро баланд бардошт. Вале он метавонад таъсире дар сатҳи фарҳангӣ ва иттилоотии мардум дошта бошад. Чун миллионҳо кинотеатрҳо, чойхонаҳо (клубҳо) дар замони шӯравӣ. Онҳо макони консерт, кино, ҷамъомадҳо, мулоқотҳо буданд. Барои ҳамдигарро дидан, лаҳзае бо ҳам суҳбат оростан, заҳри ҳамдигарро гирифтан ва роҳнамоӣ барои расидан ба аҳдофи давлати Шӯравӣ.

Кохҳо ҳам метавонанд барои расидани мардуми тоҷик ба армони миллӣ ин нақшро бозӣ кунанд. Дар ҳар шаҳре, ҷамоате вобаста ба шумораи сокинонаш иншооти фарҳангие бунёд шаванд, ки дар онҳо ҳам кино намоиш дода шавад (нақши онро набояд нодида гирифт), ҳам театрҳои маҳаллию ҷумҳуриявӣ намоишномаҳо гузоранд, ҳам ҷаласаҳо доир гарданд. Онҳо метавонанд боҳашаммат, тумтароқ набошанд. Одӣ, вале фаъол, нақши идеологӣ дар доираи армонҳои миллӣ дошта бошанд.

Аз истифодаи луғати идеология набояд ҳаросид. Он силоҳи лазерии ҳамагир аст, ки нонамоён аст, вале таъсирашро эҳсос мекунӣ. Сеҳри он дар сухан аст, ки ҳам ҷон мегираду ҳам ҷон мебахшад. Набояд аз ҳарфи ширини душман ғафлатзада шуд: агар мадҳия хонд, дон, ки кайкест мехоҳад зери домонат панаҳ барад, агар талх гуфт, шояд позаҳре бошад. Чун сухани дӯст, ки табарвор асту чун сухани душман, ки шакарвор.

Иттилоот маҷмӯи калимаю ҷумлаҳои беробте нест, ки аксари рӯзномаю маҷаллаю китобҳо аз он иборатанд. Иттилоот шаддаи марворид аст, ки хеле устокорона ва ҳадафмандона ба ҳам чида шудааст. Иттилоот вирусест, ки ба мағзи инсон ворид мешавад ва амр медиҳад: СОЗ ё СӮЗ! Маҳз дастгоҳест, ки ҷисм ва руҳро идора мекунад. Чаро мо ба ҷисм часпему дар маҳз хона насозем? Набояд фаромӯш кард, ки шикасти Давлати Шӯравӣ аз шикасти мошини идеологии он оғоз гирифт.

Ҳоло кохҳои бузурги фарҳангӣ бунёд мешаванд. Сари худ вуҷуд доштан ва дар доираи мафкураи роҳбарони маҳал фаъолият кардани онҳо ба бод рафтани маблағу мақсад аст. Ба ин ҷисмҳои беҳаракати боҳашаммат бояд руҳ бахшид, то онҳо эҳё гарданд, вагарна муҷассамае беш нахоҳанд буд. Идораи онҳо бояд аз як маркази пурмаҳз аз Душанбе сурат гирад (чун шабакаҳои интернетӣ, ки аз як маркази ягона, ба хотири бунёди Ҳукумати ҷаҳонгир сурат мегирад), на аз ҷониби мафкураи музофотии мақомоти маҳал, ки ба андозаи сӯрохии сӯзан танг аст.

Шариф ҲАМДАМПУР,
khamdampur@pressa.tj





ПУТИН ДАР ТЕҲРОН

Ситоиши Хоманаӣ аз амалиёти низомии Русия дар Украина

Оятуллоҳ Хоманаӣ зимни мулоқот бо Владимир Путин "ибтикор"-и ӯро барои амалиёти махсуси ҳарбӣ дар Украина ситоиш карда, гуфт: "Агар дар қазияи Украина шумо ибтикори амалро ба даст намегирифтед, тарафи муқобил бо ибтикори худ сабаби сар задани ҷанг мешуд".

Нишасти мухолифони ғарб

Президенти Русия Владимир Путин ва президенти Туркия Раҷаб Тайиб Эрдуғон бо ҳадафи ширкат дар нишасти "Раванди Остона" ба Эрон сафар карданд. Дидору мулоқоти саронӣ Эрон, Русия ва Туркияро, ки дар меҳвари он авзоъи Сурия қарор дошт, коршиносон ҳар хел баҳогузорӣ карданд. Нашрияи олмонии Die Welt ин мулоқотро "вохӯрии мухолифи Ғарб" арзёбӣ кард.

Эрон, Русия ва Туркия дар баёнияи поёнии худ ба унвони кафилони музокироти Остона дар Теҳрон таъкид карданд, ки даргириҳои Сурия ҳеҷ роҳи ҳалли низомӣ надоранд.

ИРНА менависад, ки дар ин мулоқот роҳбарони ин се кишвар азми худро барои идомаи ҳамкорӣ дар мубориза бо терроризм дар ҳамаи заминаҳо иброз кардаанд.

"Дар баёнияи муштараки руасои чумҳурии Эрон, Русия ва Туркия дар нишасти сеҷонибаи сарон дар чорчӯби раванди Остона омадааст, ки се кишвар (Эрон, Русия, Туркия) бар таъаҳуди худ ба ҳокимият, истиқлол, ваҳдат ва тамомияти арзии Сурия ва ҳамчунин ба ахдоф ва усули маншури Миллали Муттаҳид таъкид ва тасреҳ карданд, ки ин усул бояд мавриди эҳтироми ҳамагон буда ва ҳеҷ иқдоме фориғ аз омилони он набояд ин усулро тазъиф намояд",- менависад манбаъ.

Дар доираи ин сафар ҳамчунин дидору мулоқоти Владимир Путин бо роҳбарияти олии Эрон - Иброҳими Раисӣ ва Алии Хоманаӣ сурат гирифт.

Ситоиши Хоманаӣ аз Путин

Владимир Путин, президенти Русия бо раҳбари ин кишвар Алии Хоманаӣ низ мулоқот кард.

Тибқи гузориши вебсайти расмии Оятуллоҳ Хоманаӣ, ӯ дар ин мулоқот бо Путин гуфтааст, ки "дар қазияи Украина агар шумо ибтикори амалро ба даст намегирифтед, тарафи муқобил бо ибтикори худ сабаби сар задани ҷанг мешуд".

Изҳороти раҳбари Эрон ба шакле такрори яке аз иддаоҳои Русия дар ҳамла ба Украина аст, ки мегӯяд, Ғарб дар садади роҳандозии ҷанг алайҳи Русия будааст. Аммо Русия дар ин бора далелҳои муътамаде пешниҳод накардааст ва кишварҳои ғарбӣ ҳам ин иддаои Русияро ҳамеша рад кардаанд.

Русия мегӯяд, ки нигаронӣ аз густариши НАТО ба Украина аз сабабҳои ин ҳамла будааст ва Хоманаӣ низ рӯзи сешанбе дар мулоқот бо Путин гуфт, ки ба бовари ӯ, "агар роҳ дар муқобили НАТО боз бошад, ҳадду марзе намешиносад ва агар роҳи он дар Украина гирифта намешуд, муддате баъд ба баҳонаи Қрим, ҳамин ҷангро ба роҳ меандохтанд".

Русия рӯзи 24-уми феврали имсол ба Украина ҳамла кард.

Дар ин мулоқот Хоманаӣ ва Путин гуфтаанд, ки ҳамкориҳои иқтисодии Русия ва Эрон дар пайи таҳримҳои Ғарб, "зарурӣ ва ба нафъи ҳар ду кишвар" аст.

Ба гузориши хабаргузории "Рейтерз", Юрий Юшаков, мушовири сиёсати хориҷии Путин ба хабарнигорон дар Маскав дар робита ба мулоқоти Путин ва Хоманаӣ гуфтааст, ки "дар бештари масъалаҳо назари мо наздик ё яксон аст".

Путин дар умум бо раҳбари Эрон Алии Хоманаӣ панҷ бор мулоқот кардааст. Ин нахустин сафари Путин ба Эрон дар даврони президентии Иброҳим Раисӣ аст.

ОЛМОН. КАНСЛЕР ИСТЕЪФО ДИҲАД!

Аксари олмониҳо бар ин бовараанд, ки канслери онҳо "бисёр хаста шудааст ва боя̌д курсии худро зудтар холӣ кунад". Онҳо аз сиёсати пешгирифтаи ӯ норозиянд.

Хонандагони рӯзномаи олмонии Bild аз сиёсати садри аъзами Олмон Олаф Шолтс ва Бундестаг интиқод карданд. Сабаби баҳс матлабе буд, ки тибқи он Олмон андоз аз партовҳои гази карбонро афзоиш медиҳад.


Пас аз оғози амалиёти вижаи Русия барои ҳифзи Донбасс аз миллатгароёни украинӣ, ИМА ва Иттиҳодияи Аврупо алайҳи Маскав таҳримҳо ҷорӣ карданд.



Бисёре аз иёлот дар бораи ях кардани дороиҳои Русия эълон карданд, давлатҳои дигар аз гази Русия даст кашиданд. Аммо бояд гуфт, ҳамаи ин тадбирҳо ба худи мамлакатҳои Ғарб зарбаи сахт расонд. Ҳоло дар аксар кишварҳои ғарбӣ таваррум ба ҳадди рекордӣ расида, ҳамчунин нархи маводи озуқа ва сӯзишворӣ ниҳоят гарон шудааст.

АВҶИ ВАБО ДАР АФҒОНИСТОН

Дар ду вилояти Афғонистон дар як шабонарӯз наздик ба 40 нафар аз бемории вабо фавтиданд. Дар ин бора агентии иттилоотии «Khaama Press» хабар медиҳад.



Хурӯчи бемории марговар дар вилоятҳои Ҳилманд ва Зобул, воқеъ дар ҷанубӣ Афғонистон ба қайд гирифта шудааст. Дар 24 соати охир дар ин ҷо беш аз 120 нафар ба бемории вабо гирифтор шуда, миёни курбониён на кам аз 15 кӯдак низ ҳаст.

Аксари гирифторони ин беморӣ сокинони навоҳии Багран, Сивари ва Дайчопан мебошанд. Ба ҳарду вилоят дастаҳои сайёри тиббӣ фиристода шудаанд.

Вабо сирояти шадидест, ки тавассути микроорганизми Vibrio cholerae ба вуҷуд меояд. Беморӣ боиси дарунравӣ гардида, ба норасоии об дар бадан ва халалёбии кори рагҳо оварда мерасонад.

МАҲДӢ-ТЕРРОРИСТ ЧӢ МЕХОҲАД?



Саҷҷоди Нуристонӣ (Sajjad Nuristani), рӯзноманигори мустақил ва собиқ корманди аршади раёсати ҷумҳурии Афғонистон дар саҳифааш дар "Твиттер" хабар дод, ки Муҳаммад Шарифов, маъруф ба Маҳдӣ Арсалон, як ҷангҷӯи тоҷик ва раҳбари созмони тундрави дар Тоҷикистон мамнӯи "Ҷамоати Ансоруллоҳ", ҷунбиши наверо бо номи Таҳрики Толибони Тоҷикистон (ТТТ) таъсис додааст.

Қаблан ҳам ҷангҷӯёни тоҷике, ки дар Афғонистон дар сафи ҷунбиши Толибони Афғонистон меҷангиданд, "Толибони тоҷик" ё "Толибони Тоҷикистон" ном бурда мешуданд.

Саҷҷоди Нуристонӣ рӯзи 16-уми июли соли 2022 дар "Твиттер" дар мавриди табдили ном ё ба истилоҳ "ребрендинг"-и "Ансоруллоҳ" навиштааст: "Бо илҳом аз Толибони Афғонистон, Муҳаммад Шарифов, маъруф ба Маҳдӣ Арсалон, Таҳрики Толибони Тоҷикистон (ТТТ)-ро таъсис додааст. Арсалони 25-сола шаҳрванди Тоҷикистон ва раҳбари "Ансоруллоҳ" аст. Ӯ феълан беш аз 250 ҷангҷӯ дар зери даст дорад. Ҳукумати Толибони Афғонистон ахиран ӯро масъули як посгоҳи амниятӣ дар наздикии марз бо Тоҷикистон таъйин кард".


Сарвазири пешини Британия:

ДАВРАИ ҲУКМРОНИИ ҒАРБ БА ОХИР РАСИД

- Давраи бартарии сиёсию иқтисодии Ғарб дар арсаи ҷаҳон ба охир мерасад,- мегӯяд сарвазири собиқи Британия Тонӣ Блэр. Сиёсатмадор ҳамчунин аз кишваре ном бурд, ки ба далели он ИМА ва муттаҳидонаш бояд дар оянда стратегияи геополитикиро ислоҳ кунанд.

Вай дар ин бора зимни суханронии солона дар чорабинии Бунёди Дитчли изҳор дошт ва афзуд, ки дар оянда мафҳуми якқутбӣ ба дуқутба ё ҳатто чандқутбӣ ҷойгузин хоҳад шуд. "Бехтарин тағйироти геополитикии ин аср аз Чин хоҳад буд, на Русия. Мо ба поёни бартарияти сиёсӣ ва иқтисодии Ғарб расида истодаем",- пешниҳод кард сиёсатмадор.

Блэр Пекинро "дуюмин абарқудрати ҷаҳон" номид ва гуфт, ки раҳбари он Си Ҷинпин нияти баргардонидани Тайванро бо истифода аз усулҳои зӯроварона пинҳон намекунад. Дар сенарияи бархӯрди "хашмгин"-и Чин, ба гуфтаи сарвазири собиқ, Русия ва Эрон метавонанд муттаҳидони он шаванд.



АЗ ҚАЗИЯИ ЖУРНАЛИСТОН ТО ҲАВОДИСИ БАДАХШОН

Ҳаводиси ахири Бадахшон, қазияи боздошти пайдарҳами журналистон, ҷиноятқории судяҳо ва афзоиши ҷиноятҳои дорои хусусиятҳои терроризму экстремистӣ дар меҳвари нишасти матбуоти мақомоти қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқи кишвар қарор дошт.



Нигаронии Шермуҳаммади Шоҳиён

Шермуҳаммади Шоҳиён, раиси Суди Олии Тоҷикистон гуфт, ки дар 6 моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби судяҳо 4 ҷиноят сурат гирифтааст. Ин судяҳо бо ҷурми «паст кардани шаъну шарафи судя» аз кор ронда шудаанд.

Ба гуфти Шоҳиён, Ҳомиджон Муҳаммадзода - раиси Суди шаҳри Хуҷанд ва судяи ин суд Рустам Маҳмадсаидзода бо ҷурми гирифтани пора аз вазифа сабукдӯш шудаанд. Далели барканории онҳо, ки 30-юми май ба имзо расидааст, “бинобар содир намудани кирдоре, ки шаъну эътибори судяро паст мезанад” гуфта шудааст. Ин ду тан судяро ба “гирифтани пора” муттаҳам медонанд.

- Раиси Суди шаҳри Хуҷанд 2,5 ҳазор доллар пора гирифта, бо судя тақсим кардааст,- гуфт Шоҳиён.

Ҳамчунин, дар ин давра Саидаҳмадзода Абдураҳмон - раиси Суди ноҳияи Б. Ғафуров низ бо гумони «баромадан аз ваколатҳои мансабӣ» ва «додани ахбори бардурӯғ» боздошт шудааст.

Як судяи Суди ноҳияи Сино низ ҷиноят содир кардааст. «Ӯ бо гирифтани 1,5 ҳазор доллар боздошт ва равонаи зиндон шуд»,- гуфт раиси Суди Олӣ.

“Сатҳи ҷинояткорӣ дар байни судяҳо зиёд нест, вале ҳамин теъдод ҳам роҳбарияти Суди Олиро ба ташвиш овардааст”,- гуфт Шоҳиён.

Афзоиши терроризму экстремизм

Прокурори генералии Тоҷикистон Юсуф Раҳмон Аҳмадзод аз боло рафтани омори ҷиноятҳои марбут ба терроризму экстремизм изҳори нигаронӣ кард.

Юсуф Раҳмон гуфт, ки экстремизм ва терроризм аз ҷумлаи хатарҳоеанд, ки торафт дар ҷаҳони муосир вусъат меёбанд ва мубориза бар зидди онҳо яке аз вазифаҳои муҳимтарини мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз ҷумла прокуратура маҳсуб меёбад.

“Кормандони мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт корҳои муайянеро ба анҷом расонида, аз ҷониби онҳо дар нимсолаи якум 720 ҷиноятҳои чунин категорияҳо ошкор ва ба қайд гирифта шудаанд. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 106 адад зиёд мебошад”,- гуфт вай.

Дар гузашта низ мақомоти Тоҷикистон аз боздошти аъзои ҳаракатҳои экстремистиву террористӣ дар қаламрави кишвар хабар дода буданд. Бино ба гузоришҳои расмӣ, дар гузашта аъзои ҳаракатҳои экстремистии “Ихвон-ул-муслимин”*, “Ҳизб-ут-Таҳрир”*, созмонҳои террористии ҷамоати “Ансоруллоҳ”*, “Ҳаракати исломии Ӯзбекитстон”*, “Ал-қоида”*, “ДОИШ”* ва ғайра аз сӯйи мақомоти Тоҷикистон боздошт ва зиндонӣ шуда буданд.

Раҳимзода қазияи Бадахшонро шарҳ дод

Тайи нимсолаи гузашта дар Тоҷикистон аксари навъҳои ҷиноят коҳиш ёфтаанд, аммо сабти ҷиноёти марбут ба экстремизму терроризм зиёд шудааст. Дар ин бора Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ хабар дод.

Мақомоти корҳои дохилӣ мегӯяд, ин афзоиш ба амалиёт дар қаламрави Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рабт дорад, ки моҳҳои май ва июн иттифоқ афтода буд.

Генерал Шодӣ Ҳафиззода, сардори Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон гуфт, ки афзоиши сатҳи ошкоршавии ҷиноятҳои вобаста ба самти терроризм дар киёс бо ҳамин давраи ҳисоботии соли гузашта ба амалиёти зиддитеррористӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон рабт дорад.

“Зимни ин амалиёт якчанд амалҳое, ки хусусияти экстремистӣ ва террористӣ доштанд, аз ҷониби гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ содир шуданд, ки аз сӯйи мақомот ошкор ва сабт гардиданд”,- изҳор дошт Ҳафиззода.

Ба иттилои Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон, дар 6 моҳи гузашта 261 муттаҳам дар узвият ба созмонҳои террористиву экстремистӣ боздошт шудаанд, ки аз онҳо 64 нафарашон ҷавонанд. “Ҳамзамон, 14 гуруҳи муташаккили ҷиноӣ дар ҳайати 100 нафар бо ин ҷурм дастгир шудаанд”,- афзуд ин ниҳод.

Вазири корҳои дохилии Тоҷикистон дар шарҳи амалиёти мақомот дар ВМКБ гуфт, ки онро равшан нишон доданд ва аз ягон созмони ҳомии ҳуқуқ пинҳон накардаанд.

Раҳимзода Рамазон, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон шарҳ дод, ки чаро амалиёт дар ноҳияи Рӯшони ВМКБ сурат гирифт.

Ӯ зимни нишасти хабарияш гуфт, амалиёт замоне сар шуд, ки “гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ” камин гирифтанд ва гуруҳи зудамали “Алфа”-ро намонданд сӯи Хоруғ раҳсипор шавад.

“13 корманди “Алфа”-ро захмӣ карда ва 1 нафари дигарро куштанд. Пас аз ин, амалиётро сар кардем ва чандеро безарар ва чанди дигарро боздошт намудем”,- таъкид намуд Раҳимзода.

Ӯ дар мавриди нигаронии бархе созмонҳои ҳомии ҳуқуқ гуфт, амалиёт замоне оғоз шуд, ки мо ҳама чизро нишон додем ва барои ҳомиёни ҳуқуқ чизеро пинҳон накардаем.

Ёдовар мешавем, ки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ рӯзи 18-уми май аз баргузории амалиёти зиддитеррористӣ дар ноҳияи Рӯшон хабар доданд. Бар асари ин амалиёт расман 8 сокини ноҳия кушта шуд.

Мақомот аз кушташудагон аъзои гуруҳи ҷиноӣ-террористӣ ном бурда, афзуданд, ки аз сокинони осоишта касе осеб надидааст.

Ба иттилои мақомот, амалиёт баъди он оғоз шуд, ки гурӯҳҳои мусаллаҳи террористӣ бо истифода аз силоҳу лавозимоти ҷангӣ ба қатори мошинҳои таъйиноти махсуси зиддитеррористии "Алфа"-и КДАМ ҳамла намуданд.

Зимнан, рӯзи 31-уми май низ мақомот дар ин ноҳия боз як амалиёти ҷадид гузаронид, ки дар натиҷа панҷ нафар кушта шуд. ВКД аз кушташудагон узви гуруҳи муташаккили ҷиноӣ ном бурд.

Раҳимзода рабт доштани ҳаводиси Бадахшонро ба қудратгирии толибҳо дар Афғонистон рад кард.

“Мо ҳар чиро, ки дар дохили кишвар иттифоқ афтодааст, сабт кардаем. Аммо он чиро, ки фаъолшавии гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ аз таъсири вазъи Афғонистон бошад, мо ба қайд нагирифтаем”,- гуфт Раҳимзода.

Боздошти журналистон

Яке аз нуктаҳои муҳими нишасти матбуотии Прокуратури генералӣ ва Вазорати корҳои дохилии кишвар боздошти пайиҳами журналистон - Далери Имомалӣ, Абдулло Ғурбатӣ, Завқибек Саидаминӣ ва Абдусаттор Пирмуҳаммадзода буд.

Шариф Қурбонзода, як масъули Додситонии кулли Тоҷикистон рӯзи 15-уми июл дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки рӯзи 13-уми июл бар зидди Завқибек бо моддаи 307, қисми 2, нишонаи 3 парвандаи ҷиноятӣ боз шудааст. Ӯ гуфт, ки зимни санҷиш алоқаи Завқибек Саидаминӣ ба ҳизби дар Тоҷикистон мамнӯи наҳзати ислом ва “Гуруҳи 24” (созмони мамнуъ дар Тоҷикистон) муайян гардид.

- Рӯзи 13-уми июли соли ҷорӣ аз ҷониби Раёсати тафтишотии ВКД нисбати Завқибек бо моддаи 307, қисми 2, нишонаи 3 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардида, тафтишоти пешакӣ шуруъ шудааст. Дар мавриди айби ниҳоӣ тафтишоти минбаъда муайян хоҳад кард,- илова кард Қурбонзода.

Номбурда дар робита ба боздошти Абдусаттор Пирмуҳаммадзода гуфт, ки ӯ 9-уми июл аз ҷониби кормандони шуъбаи корҳои дохилӣ дар шаҳри Ваҳдат барои итоат накардан ба талаботи корманди пулис дастгир шудааст.

- Айни замон дар онҷо (шуъбаи ВКД дар шаҳри Ваҳдат дар назар аст,-муаллиф) қарор дорад. Нисбаташ маводҳои санҷишӣ тартиб дода шуда, ҳоло нисбаташ қарори ниҳоӣ қабул карда нашудааст. То 19-уми июл бо қарори суд, ки ҳукми қонунӣ пайдо кардааст, дар боздошт мемонад,- гуфт Шариф Қурбонзода.

Масъулуни Прокуратураи генералӣ гуфтанд, ки Далери Имомалӣ барои фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ ва барои напардохтани 96 ҳазору 460 сомонӣ маблағи андоз гумонбар мешавад.

- Аз тарафи Прокуратураи ноҳияи Шоҳмансур барои фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ парванда оғоз карда шудааст. Аз ин сабаб, тафтишот айни ҳол идома дорад,- гуфтанд аз Додситонии кул.

Шодӣ Ҳафиззода, сардори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилӣ рӯзи 19-уми июл дар нишасти хабарӣ гуфт, ки "Абдуллоҳ Ғурбатӣ ба узвият дар Ҳизби мамнуи наҳзати исломӣ гумонбар дониста мешавад".

Абдуллоҳ Ғурбатӣ рӯзи 15-уми июни имсол аз тарафи маъмурони Додситонии ноҳияи Шоҳмансури Душанбе ва ба иттиҳоми ҳамла ба корманди пулис боздошт шуд. Додгоҳ ӯро ба ду моҳ ҳабси пешакӣ гирифтааст. Вакилони мудофеи журналистон ва пайвандонашон то ба ҳол ба иттиҳомот вокуниш накардаанд.

Одил
НОЗИР,
o.nozir@pressa.tj





МЎСОЗОДА:

ФОЛБИНҲО ЗАНОНРО ГУМРОҲ МЕКУНАНД



Чанде пеш дар Facebook як сокини шаҳри Хуҷанд бо гузоштани акси як лӯхтаки пур аз навиштаҷот аз корбарон хоҳиш кардааст, ки андешаи худро оид ба ҳамин намуд сеҳру ҷоду баён доранд. Ба гуфти ин зан, келинаш ҳангоми тамиз кардани ҳавлӣ он лӯхтакро пайдо кардааст.

Ин сокини шаҳри Хуҷанд ягона нафаре нест, ки аз сеҳру ҷоду шикоят кунад. Чунин навиштаҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёданд. Омори боздошти фолбинҳо ва сеҳру ҷодугарҳо нишон медиҳад, ки теъдоди чунин нафарон меафзояд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ба фолбинҳову ҷодугарҳо бонувон мурочиат мекунанд. Афзоиши фолбинҳову соҳирон ва пулҳои бо нӯги сӯзан ҷамъ кардаи мардҳову ҷавононро бо нӯги панҷшох ба ҳаво бод додани турфаи занҳои содаву гумроҳ аст, зеро аксари фолбинҳову ҷодугарҳо саводи динӣ надоранд.

Масалан, масъулини корҳои дохилии шаҳри Душанбе нимаи моҳи майи соли 2022 як зани 66-солаи сокини маҳаллаи Гулпарвари ноҳияи Фирдавсиро барои машғул шудан ба сеҳру ҷоду 2560 сомонӣ ҷарима карданд. Ин зан Бекмуродова Ҳабиба ном дошта, на саводи динӣ доштаасту на дунявӣ. Аммо аз шаҳрвандоне, ки ҳатто саводи динию дунявӣ доранд, бо роҳи даромадан ба боварии онҳо пул гирифта, “корашонро буд мекардааст”.

Чунин ҳодисаҳо хеле зиёданд. Ҳол он ки, машғул шудан ба фаъолияти фолбиниву ҷодугариро ҳам дини ислом манъ кардааст, ҳам қонунҳои мамлакат.

Тибқи моддаи 482 (Машғул шудан ба сеҳру ҷоду ва фолбинӣ)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд ҷазои фолбинон пурзӯртар карда мешавад. Мувофиқи қонуни зикршуда, аз фолбину соҳироне, ки бори якум ва дуюм ба даст меафтанд, ҷарима ситонида мешавад. Аммо бори сеюм ҳатман корҳои ислоҳӣ ва маҳрум кардан аз озодӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳоҷӣ Ҳусайн Мӯсозода, роҳбари Шӯрои уламои дини вилояти Суғд аз афзоиши фолбинӣ ва фирефташавии шаҳрвандони содалавҳ нигаронӣ кард. Ин олими дин оид ба таърихи ғайбгӯиву фолбинӣ гуфт: “Сеҳру ҷоду таърихи чандҳазорсола дорад, ки дар замони пайғамбарони мову шумо буд. Аммо аз нигоҳи дини мубини ислом бовар кардан ба фолбин ширк овардан ба Худост ва гуноҳи кабира аст. Ҳар тоифа, ки ба назди фолбин мераванд, огоҳ бошанд, ки даст ба содир кардани гуноҳи кабира задаанд. Албатта, имрӯз хоса занон бо мушкилоти бахткушоӣ, гарму сардкунӣ, бефарзандӣ ва даҳҳои дигар ба пеши фолбин мераванд ва гӯё корашон ҳал мешавад. Аммо фарзандро танҳо Худо ато мекунад. Мушкили моро танҳо ин зоти пок ҳал мекунад. Дарди моро танҳо Худо худаш даво мебахшад. Рӯй овардан ба фолбинӣ кори мусалмон нест ва бешак 99%-и суханоне, ки фолбинон ба корафтодагон мегӯянд, дурӯғу бепоя аст. Ҳар касе, ки аз гумроҳӣ ба пеши фолбин мераваду баътар хатои худро дарк мекунад, ҳатман бояд тавбаву истиғфор карда, аз Худо бахшиши гуноҳашро пурсад”.



Фарзона МУРОДӢ, ш.Хуҷанд

УСТОДИ ДМТ - ОМӮЗГОРИ БЕҲТАРИНИ ИДМ

Шамсулло Тағоев, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ) дар озмуни «Омӯзгори беҳтарин-2022» миёни омӯзгорони донишгоҳҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) сазовори ҷойи дуюм гардид.

Аз ДМТ хабар медиҳанд, ки мақолаи пешниҳоднамудаи ӯ барои чоп дар 2-юмин китоби байналмилалии «Омӯзгори беҳтарин-2022» интихоб гардид. «Дар нашри 2-юмин китоби байналмилалии «Омӯзгори беҳтарин-2022» аз Тоҷикистон мақолаи омӯзгори ДМТ Шамсулло Тағоев ва муҳаққиқи факултети информатикаи ДДБ ба номи Н. Хусрав Саёҳат Сафарова интихоб гардид. “Аз ҷониби кумитаи тадоруқот Тағоев бо ҷойи дуюм, диплом ва медали сарисинагӣ сарфароз гардид»,- хабар медиҳанд аз ДМТ.



Озмуни мазкур бо ташаббуси Ассотсиатсияи байналмилалии олимони ҷавон (Қазоқистон) ва дастгирии Иттиҳодияи шахсони ҳуқуқии «Ҳаракати умумимиллии Бобек» доир гардид.

АГАР ХУД ШАМЪИ МАҲФИЛҲО НАБОШАНД...

Аслан маломату санг задан сӯйи бузургон аккосу ғавғои сагонро монад. Ва дар таърих борҳо ин гуна бархӯрдҳо бо бузургон рух додааст. Рӯзгору зиндагиномаи Устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Шайхурраис Сино ва дигарон бозгӯйи ҳамин ҳақиқат аст.



Сангандозии Рустами Ҷонӣ ба сӯйи Аллома Бобоҷон Ғафуров аз ҳамин қабил аст. Аллома Ғафуров дар рӯзгори сахти идеологии шӯравӣ тавонист бо номи миллат асари ҷовидонии худро ба мо мерос монад. Мо бо "Тоҷикон" худро шинохтем, худро дар ойинаи таърих дидем. "Тоҷикон" чароғест барои рӯзу рӯзгори неку босафои мо.

Бузургии Аллома Ғафуров дар он аст, ки имрӯзро дар он рӯзгор дида тавонист. Фақат назаре андохтан ба рӯйхати сарчашмаву маъхазҳои илмии истифодабурдаи Аллома кофист, то мо хулоса намоем, ки чӣ заҳмати сангине дар ин росто сурат гирифтааст.

Санг андохтан сӯйи Аллома ҳанӯз ҳангоми зинда будани эшон оғоз гардида буд. Аллома худ ҷавобҳои қотеъ ба он танқидҳои пучу ғаразнок дода буданд. Охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-ум ин ҷараёни номатлуб дар байни душманони дохилӣ авҷи тоза касб карда буд...

"Бузургонро бузургон зинда медоранд", мешиносанду қадр мекунанд. Дар баробари Устод Айнӣ ба Аллома Бобоҷон Ғафуров додани унвони олии давлати соҳибистиқлоламон - Қаҳрамони Тоҷикистон аз ҷониби Пешвои муаззами миллат муште ба даҳони тирасарону бадхоҳони миллат гардид.

Нашри чандкаратаву ахиран ба ҳар хонадон тақдим гардидани “Тоҷикон” - ин асари гаронбаҳо рашки бадхоҳонро аланга дод. Иқдоми навбатии Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хоби ғафлатзадагону душманони миллат халал расонд. Неши ин тоифа аз рӯйи табиат ва ботини зишташон сарчашма мегирад. Барои ин тоифа муҳим нест, ки ба кӣ неш мезананд: ба Устод Айнӣ, Аллома Ғафуров, Устод Турсунзода ва ё каси дигар... Муҳим он аст, ки санг андозанд, аз буди худ дарак диҳанд. Муваффақиятҳои тадриҷии ҷомеаи Тоҷикистони соҳибистиқлол, расидан ба вахдату суботи комил, ҳалли мушкилоти иқтисодиву иҷтимоӣ ва монанди ин фазоро барои бадхоҳону душманони миллат танг кардааст. Намедонанд чӣ кор кунанд. Аз кадом камбудӣ гуфтанашонро гум кардаанд. Роҳҳои ба стандарҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ Тоҷикистонро ба кишвари воҳид ва транзитӣ табдил доданд. Аз бебаркӣ? Моли гузашта, “Роғун” бунёд мешавад, Бадахшон??? Мардуми сарбаланди ин минтақаи кишвар мақсадҳои созандаи Ҳукуматро дарк карда, аз қафои тӯдаи қонуншикан нарафтанд. Чӣ мемонад?

Душман сухан наёбад, думи сагат кач мегӯяд. Қадршиносӣ гардидани фарзонафарзанди миллат девонагонро девонатар кардааст.

Боқӣ, вассалом!




Сангини ГУЛЗОД, журналист

АСРОРИ КАДУИ 50-КИЛОЙ

Сокини ноҳияи Бобоҷон Ғафуров Мирпочо Ҳомидов кадуеро кишт кардааст, ки он беш аз 50 кг вазн дорад. Ин навъи каду “Уқёнуси ором” ном дорад.

Мирпочо Ҳомидови 72-сола, ки солҳо устои асбобҳои барқӣ буд, аз соли 2000-ум парвариши навъҳои кадуро оғоз кардааст. Ин деҳқон мегӯяд, ки дар аввал ба парвариши навъҳои таҳҷоии каду, ба монанди “Саллакаду”, ”Ошкаду”, “Паловкаду”, “Титан” ва ғайра машғул буд. Кадуи “Титан”-и ӯ низ то 25 - 30 кг вазн мегирифт ва дар намоишгоҳҳои вилоятию ҷумҳуриявӣ дикқати ҳамагонро ҷалб мекард. Феълан, кадуи “Уқёнуси ором”-и ӯ беш аз 50 кг вазн дорад. Мирпочо Ҳомидов ният дорад, ки парвариши ин навъи кадуро зиёд кунад.



БЕШ АЗ 40 МЛН ДОЛЛАР

Афзоиши тиҷорати ТОҶИКИСТОНУ АФҒОНИСТОН баъди Толибон



Тиҷорат миёни Тоҷикистон ва Афғонистон дар давраи ҳокимияти Толибон назар ба пеш бештар шудааст. Хуршед Каримзода, раиси Хадамоти гумруки Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ хабар дод, ки содироти моли Тоҷикистон ба Афғонистон дар ним соли гузашта ба 40 миллион доллар расид, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 6 миллион доллар афзудааст.

Хизмати Толибон нест

Хуршед Каримзода, раиси Хадамоти гумруки Тоҷикистон рӯзи 13-уми июл гуфт, ки "асосан аз ҷумҳурии мо ба Афғонистон семент, ангишт ва баъзе маҳсулоти кишоварзӣ содирот мешавад. Як давра дар ҷумҳурии мо истеҳсоли тухм зиёд шуд. Ба онҷо тухм содирот мекарданд. Ҳамин хел молҳои гуногун ҳастанд".

Таҳлилгарон мегӯянд, ки афзоиши додугирифт миёни Тоҷикистон ва Афғонистон дастоварди ҳукумати Толибон нест. Ин бар он маъно аст, ки ниёзмандиҳои мардуми Афғонистон афзудааст ва тоҷирони афғон ҳамкорӣ бо ҳамтоёни худро тақвият додаанд.

Садриддин Муродов, таҳлилгари тоҷик ва корманди МТС мегӯяд, ки густариши савдо хизмати тоҷирон аст, на Толибон. "Ҳукумати Тоҷикистон бо Толибон савдо накарда истодааст. Ин ҷо ширкатҳо савдо доранд. Новобаста аз он ки дар Афғонистон кадом ҳукумат аст, ниёзҳои мардум боқӣ мондааст, бинобар ин, ширкатҳо фаъолият доранд. Рушди тиҷорат маънои ҳамкории Тоҷикистонро бо Толибон надорад",- гуфт номбурда.

Бархе аз тоҷирон мегӯянд, ки Толибон барои тиҷорат ва омадурафти онҳо монеа эҷод намекунанд. Ҳамин аст, ки онҳо тиҷорати худро идома медиҳанд.

Афзоиши содироти барқ

Ҳамзамон, Тоҷикистон содироти барқро низ пас аз сари қудрат омадани Толибон дар Афғонистон бас накардааст. Ширкати "Брешно"-и Афғонистон барои барқи гирифтааш аз Тоҷикистон қарздор аст. Масъулони "Барқи тоҷик" мегӯянд, ки пардохтани қарзҳо аз ҷониби Афғонистон беҳтар шудааст.

Ба қавли раиси ширкати "Барқи тоҷик" Муҳаммадумар Асозода, "айни замон содироти барқ ба Афғонистон дар як шабонарӯз тақрибан 9 миллион киловатт/соатро ташкил медиҳад. “Ягон мушкил нест, хати интиқоли барқ дар ҳолати хуби корӣ аст. Барои қарордоди соли 2023, дар назар аст, моҳи декабр байни ширкати “Барқи тоҷик” ва ширкати “Брешно”-и Афғонистон гуфтушунид гузаронида шавад",- гуфт номбурда зимни нишаст.

Дар Афғонистон як киловатт/соат барқи тоҷик аз 4,38 афғонӣ (1 доллар = 85 афғонӣ) то 14 афғонӣ қимат дорад.

Дар ҳоли ҳозир вилояти Қундуз ба пуррагӣ ва вилоятҳои Тахор, Бағлон, Самангон ва дар ҳолатҳои хос шаҳри Кобул қисман аз барқи Тоҷикистон истифода мекунанд.

"Барқи Тоҷикистон ба ду роҳ - тиҷоратӣ ва раҳоишӣ ба мизоҷон фурӯхта мешавад. Бинобар ин, як киловатт/соат дар шаҳри Қундуз тариқи раҳоишӣ 4,38 афғонӣ (1 доллар = 85 афғонӣ) ва тиҷоратӣ - 11,5 афғонӣ ва хориҷ аз он дар шаҳристонҳои ин вилоят ва ҳам вилоятҳои Бағлону Самангон ва Кобул мутаносибан 7 ва 14 афғонӣ қимат дорад",- хабар медиҳад ширкати “Брешно”.

Толибон тақрибан як сол мешавад, ки ҳокими Афғонистонанд, аммо то кунун ягон кишвари ҷаҳон ҳукумати онҳоро ба расмият нашинохтааст. Тоҷикистон тарафдори ҳукумати фарогир бо ҷойгоҳи шоистаи тоҷикон дар он кишвар аст.

Диловар ҚОДИРПУР,
журналист



Хуршед Каримзода



Муҳаммадумар Асозода

ИСТЕҲСОЛ ЗИЁД, НАРХҲО ОСМОНӢ

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар Тоҷикистон дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 7,2% афзудааст. Дар ин бора вазири кишоварзии Тоҷикистон Саъдӣ Каримзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Вале бо вуҷуди афзоиши истеҳсол нархи маҳсулот низ дар бозорҳои кишвар дар ин давра боло рафтааст. Вазири кишоварзӣ сабабҳои асосии болоравии нархи маҳсулоти кишоварзиро афзоиши харочоти барои парвариши онҳо, яъне харочоти сӯзишворӣ ва нуриҳои минералӣ унвон кард.

Дар зер 6 навъи маҳсулотро меорем, ки дар муқоиса бо соли гузашта дар Тоҷикистон аз ҳама бештар истеҳсол шудаанд. Ва маҳз нархи ҳамин маҳсулот нисбат ба соли 2021 аз ҳама зиёдтар боло рафтааст.



ИСТЕҲСОЛ
- **1 ҳазору 145** тонна
Афзоиши истеҳсол дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта **- 26,5%**

НАРХИ МИЁНА
- 1 кг аз **35** то **60 сомонӣ**

АФЗОИШИ НАРХ
- 20 - 40%



ИСТЕҲСОЛ
- **20,3 ҳазор** тонна
Афзоиши истеҳсол
- 11,5%

НАРХИ МИЁНА
- 40 сомонӣ

АФЗОИШИ НАРХ
- 25%



ИСТЕҲСОЛ
- 2,4 ҳазор тонна
Афзоиши истеҳсол
- 11,2%

НАРХИ МИЁНА
- 15 сомонӣ


АФЗОИШИ НАРХ
- 50%



ИСТЕҲСОЛ
- **576,1** млн дона
Афзоиши истеҳсол - **24,5%**

НАРХИ МИЁНА
- 11 донаи он **1 сомониву 40 дирам**

АФЗОИШИ НАРХ
- 40%



ИСТЕҲСОЛ
- **283 ҳазор** тонна
Афзоиши истеҳсол
- 7,6%

НАРХИ МИЁНА
- 1 кг аз **6 сомонӣ**

АФЗОИШИ НАРХ
- 50%

ХАТЛОН:

ҲАМ ДАР КИШОВАРЗӢ, ҲАМ ДАР САНОАТ ДАСТОВАРДҲО БЕНАЗИРАНД

ВИЛОЯТИ ХАТЛОН СОЛ БА СОЛ ДАР ҲАМА СОҲАҲО ПЕШРАВИҲОИ БЕШТАР БА ДАСТ ОВАРДА, БАҲРИ РУШДИ КИШВАР САҲМИ АРЗАНДА МЕГУЗОРАД. РАИСИ ВИЛОЯТ ҚУРБОН ҲАКИМЗОДА ДАР ҶАЛАСА ОИД БА ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ВИЛОЯТ БАРОИ НИМАИ ЯКУМИ СОЛИ 2022 ТАЪКИД НАМУД, КИ НИМАИ АВВАЛИ СОЛИ РАВОН АҲЛИ ЗАҲМАТИ ХАТЛОН ҶИҲАТИ ТАЪМИНИ ИҶРОИ САРИВАҚТИИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ВА ДАСТУРУ СУПОРИШҲОИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР САМТИ ИСТИФОДАИ САМАРАБАХШИ ЗАМИН, РУШДИ СОҲАИ САНОАТ, БУНЁДИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИЮ ТАНДУРУСТӢ ТАДБИРҲОИ СУДМАНД АНДЕШИДАНД.



ТО 4-УМИ ИЮЛИ СОЛИ ҶОРӢ АЗ ҲУДУДИ ВИЛОЯТ БА ХОРИҶИ КИШВАР 12407,7 ТОННА МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ, АЗ ҶУМЛА 8588,5 ТОННА ТАВАССУТИ НАҚЛИЁТ, ҲАВОПАЙМО, 3819,2 ТОННА ТАРИҚИ РОҲИ ОҲАН БА БЕРУН АЗ ҶУМҲУРӢ, АСОСАН ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ, АФҒОНИСТОН, ЎЗБЕКИСТОН, ТУРКИЯ, ҚАЗОҚИСТОН, ПОКИСТОН ВА БЕЛОРУСИЯ СОДИРОТ КАРДА ШУДААСТ.

Рушди кишоварзӣ

Бояд гуфт, ки ҷиҳати истифодаи самараноку оқилонаи заминҳои корами хоҷагиҳои деҳқонӣ, заминҳои президентӣ, наздиҳавлигӣ, инчунин заминҳои хоҷагиҳои ёрирасон ва назди идораю ташкилотҳо дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо 33 гуруҳи корӣ сафарбар гардида, оид ба васеъ намудани масоҳати кишти зироатҳои такрорӣ, махсусан бештар кишт намудани ғалладонагию лӯбиёгиҳо, картошка, сабзавот ва полезиҳо, инчунин захиракунии маҳсулоти озуқаворӣ корҳои таблиғотию ташвиқотӣ ба роҳ монда шуда, кор дар ин самт идома дорад.

Бино ба иттилои муовини якуми раиси вилоят Амонулло Салимзода, дар нимаи якуми сол ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 7 миллиарду 753 миллиону 513,1 ҳазор сомонӣ расонида шудааст, ки афзоиши он нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли гузашта 420,5 миллион сомонӣ (5,7%)-ро ташкил менамояд.

Инчунин, дар ин давра дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 513323 тонна ғалладонагӣ, 174024 тонна картошка, 809447 тонна сабзавот, 267857 тонна полезиҳо, 63956 тонна меваҷот ва 2271 тонна ангур истеҳсол гардида, ҳаҷми умумии маҷмуи маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ ба 6 миллиарду 53 миллиону 728,6 ҳазор сомонӣ расонида шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 26711 тонна ғалладонагӣ, 5522 тонна картошка, 23270 тонна сабзавот, 18604 тонна полезиҳо, 5879 тонна меваҷот ва 242 тонна ангур зиёд мебошад.

А. Салимзода меафзояд, ки ба ҳолати 1-уми июли соли ҷорӣ дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидорӣ дар майдони 434596 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудаву 105,1 фоизи дурнаморо ташкил медиҳад ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4085 гектар зиёд аст. Дар бахшҳои ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ бошад, дар майдони 350603 гектар кишти зироатҳои кишоварзӣ гузаронида шудааст. Майдони 98860 гектар ғалладонагиҳо дарав ва 96150 гектари он кӯфта шуда, аз он 366435 тонна ҳосил ҷамъоварӣ гардидааст. Ҳосилнокӣ аз ҳар як гектар 38,1-сентнериро ташкил дода, иҷрои дурнамо 109,1 фоиз таъмин гардидааст.



Мувофиқи маълумотҳои оморӣ, ба 1-уми июли соли равон дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории шаҳру ноҳияҳои вилоят 39568 тонна гӯшт, 152820 тонна шир, 46 миллиону 327,8 ҳазор дона тухм, 3123,3 тонна пашм, 177,8 тонна пилла, 295,8 тонна асал ва 775,9 тонна моҳӣ истеҳсол карда шудааст.

Пахтакорӣ яке аз самтҳои муҳими соҳаи кишоварзӣ ба шумор рафта, тибқи иттилои А. Салимзода, кишоварзони вилоят имсол дар майдони 121733 гектар кишти пахта гузаронидаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 497 гектар зиёд мебошад.

- Дар доираи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба баланд бардоштани ҳосилнокӣ, аз як замин гирифтани се-чор ҳосил, ташкили гармхонаҳо, бехтар намудани таъминоти бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати ватанӣ ва аз ҷиҳати экологӣ тоза, мувофиқи маълумоти фаврии Сараёсати кишоварзии вилоят, ба ҳолати 5-уми июли соли равон дар ҳамаи бахшҳои хоҷагидории вилоят аз масоҳати 93,3 гектар гармхонаҳои доимоамалкунанда дар майдони 52,87 гектар кишти сабзавоти барвақтӣ гузаронида шуда, аз ин ҳисоб 2218 тонна маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла 1287 тонна помидор, 333 тонна бодиринг ва 598 тонна дигар сабзавотҳо истеҳсол ва ба миқдори 291,7 ҳазор донна кӯчати сабзавотҳо омода карда шуд,- меафзояд муовини якуми раиси вилоят А. Салимзода.

Инчунин, дар майдони 770 гектар, аз он ҷумла 290,8 гектар помидор, 264 бодиринг ва 215,1 гектар дигар сабзавот дар гармхонаҳои мавсимӣ кишти сабзавоти барвақтӣ гузаронида шуда, аз ин ҳисоб 26303 тонна сабзавот, аз он 9513 тонна помидор, 8947 тонна бодиринг ва 7843 тонна дигар сабзавот истеҳсол гардидааст.

Соли ҷорӣ дар бахши ҷамъиятӣ ва хоҷагиҳои деҳқонии вилоят 1191,1 гектар боғу токзорҳои нав, аз ҷумла дар заминҳои лалмӣ 1178 гектар бунёд гардида, иҷрои нишондиҳандаи барномаи рушди соҳаи боғу токпарварӣ 6 баробар таъмин гардидааст. Инчунин, дар ин давра 336 гектар боғҳо ва 106,6 гектар токзорҳо барқарор ва 126 ҳазор дона ниҳоли тут шинонида шудааст.

Дар асоси маълумоти оморӣ, то 4-уми июли соли ҷорӣ аз ҳудуди вилоят ба хориҷи кишвар 12407,7 тонна маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла 8588,5 тонна тавассути нақлиёт, ҳавопаймо, 3819,2 тонна тариқи роҳи оҳан ба берун аз ҷумҳурӣ, асосан Федератсияи Россия, Афғонистон, Ӯзбекистон, Туркия, Қазоқистон, Покистон ва Белорусия содирот карда шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 592,3 тонна зиёдтар мебошад. Маҳсулоти содиротгардида асосан 6045,9 тонна сабзавот, аз ҷумла 3964,9 тонна пиёз, 294,0 тонна полезиҳо, 5184,9 тонна мевагиҳо, лимон, 88,2 тонна ангур ва 794,3 тонна дигар анвои маҳсулотро ташкил медиҳад.

(Давомаш дар саҳ. 11)

Рачаббой Аҳмадзода:

ҚАЛЪАИ ХУҶАНД ВА ШАЙХ МУСЛИҲИДДИН БА ЮНЕСКО ПЕШНИҲОД ШУДААНД



Дар нимсолаи якуми соли 2022 барои инкишофи соҳаи иҷтимой сармоягузорӣ ба маблағи 438164,5 ҳазор сомонӣ равона карда шудааст, ки 56,4 фоизи ҳаҷми умумии сармоягузории вилояти Суғдро ташкил медиҳад.

Дар ин марҳила дар вилояти Суғд 243971 метри мураббаъ хонаҳои истиқоматӣ ба истифода дода шудаанд. Биноҳои истиқоматиро асосан бахши ғайридавлатӣ ва ҳиссаи бештари онҳоро аҳолии вилоят месозанд.

Дар вилояти Суғд маконҳои таърихӣ ва сайёҳӣ зиёд буда, садҳо сайёҳон аз он дидан мекунанд. Ин аст, ки ду макони таърихии шаҳри Хуҷанд - Қалъаи Хуҷанд ва Шайх Муслиҳиддин ба ЮНЕСКО пешниҳод шудаанд.

45 нафар мутахассисони ҷавони соҳаҳои гуногун, маориф тандурустӣ дар вилоят бо хонаҳои истиқоматӣ тамсин гардидаанд.

Тибқи маълумоти расми вилояти Суғд, дар ин марҳила гардиши савдои хориҷии вилоят 1416,8 млн долларро ташкил намудааст. Таносуби содирот дар ин марҳила нисбати гардиши савдои хориҷии вилояти Суғд 36,7 фоиз ва воридот бошад, 63,3 фоизро ташкил медиҳад. Умуман, ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ дар ин марҳила бо мамлакатҳои ИДМ 228,5 млн доллар зиёд шудааст.

Раиси вилояти Суғд Рачаббой Аҳмадзода иброз дошт, ки дар соҳаи саноат 758 корхонаҳои саноатӣ фаъолият доранд, ки аз он 37 корхона хусусияти хизматрасонии саноатӣ доранд. Раиси вилоят афзуд, ки бо ташкили корхонаҳои саноатӣ дар вилоят иқтидори маҳсулот зиёд шуда, ба ҷойи воридот маҳсулотро аз вилоят ба дигар давлатҳо содирот мекунанд. То ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар нақша аст, ки даҳҳо корхонаҳои саноатӣ ба истифода дода шаванд.

Раиси вилоят афзуд, ки бояд ҳар сокини вилоят маҳсулоти 2-солаи ниёзи аввалро захира кунад.

Рачаббой Аҳмадзода зимни нишаст иброз дошт, ки дар давлатҳои ҷаҳон рӯз аз рӯз нархи маҳсулоти озуқаворӣ зиёд мегардад, вале Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд мекӯшад, ки дар бозорҳои вилоят нархҳои маҳсулотро нисбатан арзонтар ба аҳолӣ пешниҳод кунад.

Давоми 6 моҳи соли ҷорӣ дар миқёси вилоят 75 корхонаҳои хурду бузурги саноатӣ ба фаъолият пардохта, 2239 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардидаанд. Яке аз корхонаҳои бузурге, ки дар 6 моҳи аввали сол дар вилоят ба истифода дода шуд, ин корхонаи пойафзолбарорӣ дар шаҳри Исфара мебошад, ки бо сармоягузории соҳибкорони рус ба истифода дода шудааст. 80 фоизи маҳсулоти содиротии ин корхонаро ба Русия содирот мекунанд.

ПОШХУРИ БЕШ АЗ 7 ҲАЗОР ОИЛА ДАР 6 МОҲ



Дар Тоҷикистон дар шаш моҳи соли равон 7 ҳазору 265 оила аз ҳам ҷудо шудаанд, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 12 дарсад зиёд мебошад. Дар соли 2021-ум 6 ҳазору 476 оила пош хӯрдааст.

Музаффар Ашӯриён, вазири адлияи Тоҷикистон дар як нишасти хабарӣ сабаби ҷудо шудани оилаҳоро омода набудани ҷуфти ҷавон ба ҳаёти оилавӣ маънидод кард.

Дар ҳамин ҳол, ба гуфтаи вазир, сабти ақди никоҳ аз аввали соли ҷорӣ 7% коҳиш ёфтааст. «Теъдоди ақди никоҳ имсол 30 ҳазору 266 нафарро ташкил дод. Дар ҳоле, ки дар ҳамин давраи соли 2021-ум 32 ҳазору 489 ақди никоҳ ба қайд гирифта шудааст»,- гуфт Ашӯриён.

Дар давоми шаш моҳ дар кишвар ҳамагӣ 39 никоҳ бо шаҳрвандони хориҷӣ ба қайд гирифта шудааст. Соли гузашта ин рақам 116 нафар буд. Вай ҳамчунин гуфт, ки сабти таваллуди кӯдакон дар кишвар 6% афзоиш ёфтааст. Дар 6 моҳи соли 2021-ум 104 ҳазору 737, дар соли ҷорӣ 111 ҳазору 537 далел ба қайд гирифта шудааст.



ДДЗТ КАМБУДИ ДОНИШҶӮ НАДОРАД

Жило Гулназарзода, ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар нишасти матбуотӣ хабар дод, ки «ҳоло 5 нафар шаҳрвандони хориҷӣ ба фаъолияти омӯзгорӣ ва волонтёрӣ машғуланд ва 648 нафар шаҳрвандони хориҷӣ ба таҳсил фаро гирифта шудаанд».

Гуфта шуд, ки хориҷиён бештар аз ҷумҳуриҳои Русия, Туркманистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Афғонистон ба донишкада таваҷҷуҳ доранд.

Гулназарзода ҳамзамон хабар дод, ки донишкада аз норасоии донишҷӯён танқисӣ намекашад. Ин дар ҳолест, ки бархе аз муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар аз норасоии донишҷӯ ва ҷойҳои холӣ хабар доданд.

АФЗОИШИ ҶИНОЯТКОРӢ ДАР СОҲАИ ЗАМИН



Бино ба иттилои Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии кишвар Ориф Хоҷазода, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ 7001 ҳолати вайронкунии қонунгузории замин ошкор гардидааст.

- Барои бартараф намудани ҳолатҳои ошкоргардида 6364 дастур дода шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 323 ҳолат зиёд мебошад,- меафзояд манбаъ.

Дар шарҳи масъалаи мазкур гуфта шуд, ки ба 6148 ҳолат парвандаи маъмурӣ тартиб дода шуда, ба маблағи 3065644 сомонӣ қарорҳои ҷаримабандӣ қабул карда шудаанд, ки аз ин 2330799 сомонӣ ба суратҳисоби махсус ворид гардидааст.

ДАР ТОҶИКИСТОН 673 КОРХОНА АЗ ФАЪОЛИЯТ БОЗМОНДААНД



Вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон Шералӣ Кабир зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки ба ҳолати то 1-уми июли соли 2022 дар ҷумҳурӣ 2 ҳазору 479 корхонаи саноатӣ ба қайд гирифта шудааст.

Шумори корхонаҳои аз фаъолият бозмонда дар ин давра тибқи маълумоти вазир 673 ададро ташкил медиҳад, аз ҷумла 583 корхонаҳои мавсимӣ ва 77 корхонаи фаъолияташ қатъшуда.

Вазир гуфт, сабаби аслии фаъолият накардани ин корхонаҳо дар он аст, ки онҳо дар марҳилаи барҳамдиҳӣ ва муфлисшавӣ қарор доранд.

Дар ҳамин ҳол, вазир дар бораи корхонаҳои нави имсол таъсисёфта низ маълумот дода, зикр кард, ки дар зарфи 6 моҳи соли ҷорӣ дар Тоҷикистон 137 корхонаи нав ва 47 коргоҳ (сех) ба фаъолият оғоз намуда, дар онҳо ҳудуди 4 ҳазор ҷойи нави корӣ фароҳам оварда шудааст.

Вазири маориф:

3400 ОМӮЗГОР НАМЕРАСАД!



Раҳим Саидзода, вазири маориф ва илми Тоҷикистон мегӯяд, ки макотиби Тоҷикистон ҳоло ба 3400 омӯзгор ниёз доранд.

Ин дар ҳолест, ки ин вазорат шаш моҳ қабл аз норасоии 2100 омӯзгор хабар дода буд. Ҳамин тариқ, макотиби Тоҷикистон зарфи ним сол боз ба 1200 муаллими дигар ниёз пайдо кардааст.

Ба иттилои манбаъ, соли ҷорӣ донишгоҳу донишкадаҳои кишварро 14 ҳазор нафар бо равияҳои омӯзгорӣ хатм мекунанд, ки 7 ҳазор нафари онҳо аз ҳисоби буҷет таҳсил мекунанд. Саидзода гуфт, ки онҳо дар навбати аввал ба мактабҳо ба кор мераванд.

Ӯ тамоюли тарки касб кардани омӯзгоронро як мушкили ҷаҳонӣ номид ва гуфт, ки “онҳо мераванд, ба ҷойи онҳо каси дигар меояд ва мо инро пайгирӣ дорем”.

Тибқи иттилои ин ниҳод, ҳоло дар кишвар 3940 мактаби таҳсилоти умумӣ фаъолият мекунанд. Дар онҳо 128 ҳазору 827 нафар омӯзгорон кор мекунанд, ки аз ин ҳисоб 80170 нафарро занон ташкил медиҳанд.

ПАЛАТАИ ҲИСОБ БЕШ АЗ 150 МИЛЛИОН СОМОНӢ ЗАРАРИ МОЛИРО ОШКОР КАРД



Палатаи ҳисоби назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ беш аз 150 миллион сомонӣ зарари молиро ошкор кардааст. Ин дар ҳолест, ки санҷишҳо аз ҷониби ин ниҳод соли равон ба маротиб кам шудааст.

Қарахон Чиллазода - раиси Палатаи ҳисоб мегӯяд, ки давоми ним сол дар пайи санҷишҳои аудитӣ наздик ба 158,8 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ба давлатро ошкор кардаанд. «Ин дар ҳолест, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта шумораи санҷишҳо 53 адад кам ва маблағи қонуншикании молиявӣ 75,6 миллион сомонӣ зиёд шудааст»,- изҳори нигаронӣ кард ӯ зимни нишасти матбуотӣ.

Ба гуфти раиси Палатаи ҳисоб, зарари зикршуда дар пайи изофанависӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ расидааст.

Ба иттилои манбаъ, аз маблағи мазкур хароҷоти ғайриқонунии пулию молӣ 13,9 миллион сомонӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ 1,2 миллион сомонӣ, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ 9,1 миллион сомонӣ, зарар аз фурӯш ва иҷораи амволи давлатӣ 456,6 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.



Дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бо иштироки раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ба бунёди бинои нави таълимие оғоз бахшида шуд, ки аз 9 ошёна иборат аст ва дорои 144 синфхона барои 4000 донишҷӯ мебошад.

Зимни муаррифии лоиҳаи иншоот маълумот дода шуд, ки дар асоси дастуру ҳидоят ва раҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтмони бинои нави таълимии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба нақша гирифта шудааст.

Бунёди бинои нави таълимӣ бо мақсади муттаҳид намудани тамоми воҳидҳои сохтории донишгоҳ ва ташкили маҷмааи комили таълимиву илмӣ, тарбиявиву варзишӣ дар канори биноҳои таълимии 1 ва 2-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров сурат мегирад.

Сохтмони бино дар 9 ошёна пешбинӣ шудааст, ки дар умум барои ғунҷоиши 4000 нафар донишҷӯ муқаррар гардидааст. Масоҳати умумии бино 19420 метри мураббаъро дар бар гирифта, масоҳати зери сохтмон 2158,5 метри мураббаъро фаро мегирад. Дарозии бино 120 метр ва паҳноии он дар ошёнаи якум 16,40 метр ва дар ошёнаи нуҳум 21,20 метр буда, баландии ошёнаи якум 4,20 метр ва баландии ошёнаҳои дигар 3,30 метрро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми сохтмонии бино 86 320,9 метри мукааб буда, дар он 144 синфхона ҷой хоҳад гирифт. Дар назар аст, ки дар бинои нави таълимии донишгоҳ 9 факултет ҷой гирифта, дар он 7 толори лексионӣ, 2 маҷлисгоҳи хурд ва 18 озмоишгоҳ сохта мешаванд. Барои пайвастан ба табақаҳои болоии бинои таълимӣ бунёди 4 лифт ба нақша гирифта шудааст.

Аз сабаби он ки сохтмони бинои таълимии мазкур дар шафати бинои таълимии 2 ва дар ҳудуди маҷмааи варзишии Хуррамшаҳр ба нақша гирифта шудааст, дар канори он бунёди чанд иншооти дигар пешбинӣ шудааст. Аз ҷумла, дар назар аст, ки варзишгоҳ барои гузаронидани чорабиниҳои варзишию фарҳангӣ, ки айни замон фаъолият дорад, аз нав таҷдиду тармим гардида, илова бар он майдони умумии варзишӣ дар масоҳати 1500 метри мураббаъ бунёд гардад.

Дар канори бинои таълимӣ ва майдончаи варзишӣ дар масоҳати 2854 метри мураббаъ маҷлисгоҳ сохта ва ба истифода дода хоҳад шуд. Дар баробари бинои истиқоматӣ, ки соли 2006 бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохта ва бо ҳузури Сарвари давлат мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта буд, дар масоҳати 510 метри мураббаъ бинои нави истиқоматӣ барои устодону кормандони донишгоҳ сохта ва ба истифода дода хоҳад шуд.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД:

БУНЁДИ БИНОИ 9-ОШЁНАИ ТАЪЛИМӢ БАРОИ 4000 ДОНИШҶӮ

Бунёди бинои таълимӣ, кӯдакистон, толори маҷлисгоҳ, ошхона, маҷмааи варзишӣ имконият медиҳад, ки воқеан дар ин мавзеъ дар канори ду бинои таълимии дигар як маҷмааи комили шаҳраки Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» бунёд гардида, тамоми биноҳои таълимӣ ба як маҷмааи муттаҳид ва комилу ягона табдил дода шавад. Ин амр барои танзим ва таҷдиди раванди таълим дар донишгоҳ мусоидат хоҳад намуд.

Ректори донишгоҳ профессор Усмонзода Аюб Ислом дар суҳбат бо рӯзномаи “Тоҷикистон” бунёди ин биноро яке аз муҳимтарин рӯйдодҳои соли равон арзёбӣ карда, таъкид дошт, ки дар нимсолаи якуми соли 2022 ҳамзамон дар донишгоҳ як қатор лаборатория ва марказҳои тадқиқотӣ фаъол гардид. Аз ҷумла, дар ин давра дар назди кафедраи экология ва ҳифзи табиати факултети геоэкология ва туризм озмоишгоҳи таълимӣ — таҳлилӣ ва дар факултети биология ва химия маркази нави тадқиқотӣ таъсис дода шуд.



Дар Китобхонаи илмии донишгоҳ 2 толори нави “Фурӯғи субҳи доной китоб аст” ва “Илм — фурӯғи маърифат” таъсис дода шуд, ки ҳадаф аз ин ибтикор тавсеаи самти хизматрасонии китобхона, таъмини шароити арзанда барои иштирокчиёни озмунҳои ҷумҳуриявӣ, баланд бардоштан фарҳанги мутолиаи китоб, ҷалби ҳарчи бештари насли ҷавон ба китобхона ва китобхонӣ маҳсуб меёбад.

Профессор Усмонзода Аюб иттилоъ дод, ки давоми нимсолаи аввали соли равон бахшида ба Рӯзи илми тоҷик 482 нафар устоду докторант, магистрант ва донишҷӯ бо туҳфаҳои пулӣ ва хотиравии ректори донишгоҳ қадр гардиданд.

Боиси хушнудист, ки студияи таълимӣ-телевизионии “Фурӯғ”-и Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» низ соҳиби лабораторияи нав гардид. Нақши лабораторияи студияи таълимӣ-телевизионии “Фурӯғ” ҷиҳати татбиқи дониши назариявии донишҷӯёни риштаи рӯзноманигорӣ басо назаррас аст.

Бо фармоиши ректори донишгоҳ дар соли 2022 маблағи қадршиносӣ шуруъ аз оғози соли таҳсили 2022-2023 барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ 5 ҳазор сомонӣ муайян гардид. Инчунин, иттилоъ дода шуд, ки ҷиҳати ҳимояи рисолаҳои докторӣ дар самти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ 10 ҳазор сомонӣ, дар самтҳои илмҳои гуманитарӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ 7 ҳазор сомонӣ муқаррар шудааст. Ҳамчунин, бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ муаллифоне, ки мақолаҳои илмиашон дар маҷаллаҳои байналмилалии Scopus, Web of Science, Astrophysics Data Sustem, PubMed, MathSciNet, zbMATH, Chemical Abstracts, Springer, Agris, Georef ва ғайра ба нашр расидаанд, ба миқдори 1200 сомонӣ ва барои муаллифоне, ки мақолаҳои илмиашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ба миқдори 300 сомонӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

Боиси зикр аст, ки бо мақсади тақвият бахшидани корҳои ободонӣ дар донишгоҳ лифти биноҳои таълимии №1 ва №2-и донишгоҳ аз нав ба кор оғоз намуд.

- Дар идомаи ғамхорӣ ва дастгирӣ ба ҷомеаи меҳнатӣ, ки аз сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ мегирад, раёсати донишгоҳ тасмим гирифтааст, ки шуруъ аз моҳи сентябри соли 2022 маоши кормандону устодон аз ҳисоби суратҳисоби махсуси донишгоҳ 20% баланд бардошта шавад.

Ҳамин тариқ, маоши кормандону устодони донишгоҳ аз ҳисоби буҷети давлатӣ дар партави дастури Роҳбари олии мамлакат аз моҳи июл 20% ва аз ҳисоби суратҳисоби донишгоҳ боз 20%-и дигар зиёд карда мешавад,- афзуд ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» профессор А. Усмонзода.

Ёдовар бояд шуд, ки Донишгоҳи давлатии Хуҷанд аз калонтарин муассисаҳои олии мамлакат буда, беш аз 90 сол аст, ки дар тарбияи кадрҳо саҳми бориз мегузорад. Ба иттилои ректори донишгоҳ, дар партави Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2023 ба муносибати 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров дар донишгоҳ гузаронидани силсилаи чорабиниҳо ба нақша гирифта шуда, барои дар сатҳи баланд гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии ««Тоҷикон» — оинаи таърихи миллат» аз ҳоло омодагӣ ҷараён дорад.

“Тоҷикистон”

ҲАМ ДАР КИШОВАРЗӢ, ҲАМ ДАР САНОАТ ДАСТОВАРДҲО БЕНАЗИРАНД

(Аввалаш дар саҳ.8)

Ғайр аз ин, тавассути дидбонгоҳҳои гумрукии вилояти Суғд 50398,5 тонна пиёз содирот карда шуда, содироти маҳсулоти кишоварзии вилоят дар маҷмуъ ба 62588,2 тонна баробар аст.

Рушди соҳаи саноат

Бояд зикр намуд, ки саноатчиёни вилоят дар тӯли 6 моҳи соли равон ба маблағи 4 миллиарду 316 миллиону 227,5 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда, ҳаҷми истеҳсолро дар қиёс ба ҳамин давраи соли пешин ба андозаи 635 миллиону 236,6 ҳазор сомонӣ зиёд ва суръати афзоишро бо назардошти нархҳои қиёсӣ дар сатҳи 13,5 фоиз таъмин намудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ аксари шаҳру ноҳияҳои вилоят рушди саноатро аз 109% то 165% таъмин намудаанд. Зиёдшавии маҳсулоти саноатӣ асосан аз ҳисоби шаҳру ноҳияҳои Данғара (179,3 миллион сомонӣ), Кӯшониён (58,4 миллион сомонӣ), Норак (48,4 миллион сомонӣ), Ш. Шоҳин (32,4 миллион сомонӣ), Кӯлоб (30,5 миллион сомонӣ), Ховалинг, Ҳамадонӣ (29,1 миллион сомонӣ), Бохтар (28,7 миллион сомонӣ) ва Вахш (25,1 миллион сомонӣ) ба вуҷуд омадааст.

Дар маҷмуи маҳсулоти саноатии вилоят ҳиссаи саноати истихроҷ 3,9 фоиз, саноати коркард 54,0 фоиз, истеҳсол ва таъминоти нерӯи барқ 41,5 фоиз, дигар хизматрасониҳо 0,6 фоизро ташкил додааст.

- Бо таъсиси истеҳсолоти нав ҳаҷми содироти маҳсулоти соҳа низ тамоюли афзоишӣ дошта, дар ин давра аз вилоят ба маблағи 101 миллиону 742,7 ҳазор доллар маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла 15,5 ҳазор тонна нахи пахта ба маблағи 40,7 млн доллар, 6,3 ҳазор тонна калобаи ришта ба маблағи 25,3 млн доллар, 803,5 тонна матоъ ба маблағи 3,2 млн доллар, 1275 тонна шираи камол ба маблағи 6,4 млн доллар, 1160 тонна орд ба маблағи 496,6 ҳазор доллар, 205 ҳазору 498 тонна семент ба маблағи 6,7 млн доллар, 370 тонна намаки ошӣ ба маблағи 5,1 ҳазор доллар, 884,8 тонна гачкартон ба маблағи 309,5 ҳазор доллар ва 467,5 миллион кВт/соат нерӯи барқ ба маблағи 19,1 млн доллар содирот шудааст, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта дар маҷмуъ ба маблағи 36,2 млн доллар ва ё 55,3 фоиз зиёд мебошад,- мегӯяд муовини раиси вилоят Заробиддин Файзуллозода.

Суръати маҳсулоти содиротӣ, аз қабили нахи пахта (5957,5 тонна), матоъ (803,5 тонна), маҳсулоти дорувории аввалия (1229,4 тонна), намак (23 тонна), гаҷкартон (884,8 тонна) афзудааст. Содироти калобаи ришта агар маҷмуан коҳиш ёфта бошад ҳам, аз рӯи нишондоди маблағ дар ҳаҷми 5 миллиону 434 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфтааст.

Дар ин давра истеҳсоли баъзе номгӯи маҳсулоти воридотивазкунанда ва содиротӣ, аз қабили банду басти равғани мухаррикҳои автомобилӣ, масолеҳи гуногуни сохтмонӣ, матои тайёри пахтагин, трикотаж, матои рангкардашуда, либоси ҳарбӣ, тасма ва камарбанди ҳарбӣ, мизу курсиҳои филизӣ, истеҳсоли пойафзолҳои калону бачагона ва ҳарбӣ, рубероид, маҳсулоти чармӣ, маҳсулоти доруворӣ, зардолуи хушк ва баъзе намуди нӯшоба (квас ва оби ҷав, компот) ба роҳ монда шудааст.

Дар давоми 6 моҳи соли равон аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят 57 корхонаву коргоҳҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Восеъ - 7, Хуросон, Ҷалолиддини Балхӣ, Сайид Алии Ҳамадонӣ - 5-ададӣ, Данғара, Панҷ – 4-ададӣ, Кубодиён, Бохтар, Муъминобод, Шаҳритус - 3-ададӣ, Кӯлоб, Норак, Темурмалик, Дӯстӣ - 2-ададӣ, Ёвон, Ҷайҳун, Абдураҳмони Ҷомӣ, Левакант, Фархор, Балҷувон, Кушониён - 1-ададӣ корхона ва коргоҳҳои истеҳсолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, дар ин замина 1050 нафар шаҳрвандони маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин гардидаанд. Ҳамзамон, дар заминаи корхонаҳои мавҷудаи ҶДММ "Комбинати хонасозӣ" ва "Элдорадо"-и шаҳри Кӯлоб (3 коргоҳ: сафолакбарорӣ, сангу шағал ва сангрезабарорӣ), ҶДММ "Амири Дил" (коргоҳи равғанбарорӣ ва собунбарорӣ), дар маҷмуъ 9 коргоҳи иловагӣ бо дарназардошти 132 ҷойи корӣ бунёд шудааст. Дар ин корхонаҳо ба маблағи 18,5 миллион сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намудаанд.

Бобоҷони НЕЪМАТУЛЛО

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

Шодрӯз Неъматов - хатмкунандаи Литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд гранти байналмилалӣ барои идомаи таҳсил дар яке аз донишгоҳҳои Туркияро соҳиб гардид. Шодрӯз мегӯяд, ки феълан барои таҳсил дар кишвар ҳамаи шароитҳо муҳайё аст. "Мо танҳо як роҳ дорем: хондан, омӯхтан ва ба пеш ҳаракат кардан",- мегӯяд ӯ.



2.5 МЛН ДОЛЛАР ГРАНТ

Шодрӯз роҳҳои шомилшавӣ ба донишгоҳҳои бонуфузро гуфт

Шодрӯз то синфи 10-ум дар МТМУ №13-и деҳаи Вешаби ноҳияи Айнӣ таҳсил карда, баъдан таҳсилро дар Литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд давом дод. Ӯ чанде пеш гранти байналмилалӣ барои идомаи таҳсил дар яке аз донишгоҳҳои Туркияро соҳиб гардид, ки инро қадами устувор ба ояндаи дурахшони худ медонад. "Пас аз сипарӣ гардидани чанд муддат аз супоридани имтиҳонҳо барои соҳиб шудан ба гранти байналмилалӣ рӯзе директори литсей моро (ҳамаи иштирокчиёни озмунро) наздашон даъват намуда, табрик карданд. Сипас ба ҳар яки мо роҳҳатҳои донишгоҳҳои хориҷаро тақдим намуданд. Воқеан, хурсандии мо ҳадду канор надошт",- мегӯяд ӯ.

Шодрӯз ҷавони ташнаи илм аст ва ҳамин хислати илмдӯстиаш ӯро водор сохт, то дар олимпиадаи "Академияи хурди илмҳо" иштирок кунад ва соҳиби ҷойи аввалу медали тилло гардад.

Шодрӯз Неъматов ҳамчунин дар озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доной китоб аст" аз рӯйи номинаи адабиёти классикӣ иштирок кардаву сазовори ҷойи ифтихорӣ гардид ва оғози муваффақиятҳои худро аз ҳамин озмун медонад.

Бисёр ҷавононе, ки дар хориҷи кишвар таҳсил мекунанд, дар ҳамон ҷо кору фаъолият кардан мехоҳанд, вале Шодрӯз "хоки ватанро хуштар аз тахти Сулаймон" медонад: "Ман пас хатми донишгоҳ ҳатман ба диёри биҳиштосоямон бармегардам. Мо ҷавонон бояд ватану миллатамонро дӯст дорем ва шукронаи сулҳу субот намуда, талош баҳри ояндаи дурахшони меҳан намоем".

Шодрӯз ҳамсолони худро ба илмомӯзӣ даъват мекунад: "Наврасону ҷавонони мо бояд омӯзанд, бисёр китоб хонанд. Ҳамаи талошҳои роҳбарияти олии кишвар барои ҳамин аст, ки мо омӯзем ва дар оянда муаррифгари Ватани азизи хеш - Тоҷикистон бошем, зеро ғайр аз худи мо каси дигар ватани моро обод карда наметавонад. Мо танҳо як роҳ дорем - хондан, омӯхтан ва ба пеш ҳаракат кардан".

Давоми соли хониши 2021-2022 муҳассилини Литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Хуҷанд дар беш аз 15 олимпиадаи фаннии байналмилалӣ дар кишварҳои Амрико, Туркия, Тайланд, Малайзия, Сингапур, Бразилия, Русия, Ҳиндустон, Олмон, Британияи Кабир ва Фаронса иштирок карда, 493 медал (тилло, нукра ва биринҷӣ) ба даст овардаанд. Аз миёни иштирокчиён 12 нафар хатмкунанда дар ҳаҷми 2,5 миллион доллар бурсияи омӯзишӣ ба даст оварданд, ки барои идомаи таҳсил дар беш аз 20 донишгоҳи бонуфузи Амрико ва мамолики дигар имконият медиҳад. Онҳо бо ин маблағ чаҳор сол ройгон таҳсилу иқомат мекунанд.



Идибеки САИД



АРӮС АЗ ХИТОЙ

Ё чӣ тавр Китика Хадиҷа шуд?

Муҳаммадҷон Қарабоев, сокини ноҳияи Шаҳритус ҳангоми таҳсилаш дар Хитой ба як духтари хитой бо номи Китика дил баста, ӯро бо худ ба Шаҳритус овардааст. Китика дар Тоҷикистон дини Исломро пазируфта, номашро ба Хадиҷа иваз кардааст.

Муҳаммадҷон дар суҳбат бо нашрияи "Хатлон" гуфтааст, ки ҳангоми таҳсил дар Хитой ба ҳамсари ояндааш дил баста, ба ӯ пешниҳоди издивоҷ кард.

"Ман то андозае ошиқи он духтар гашта будам, ки дигар ба миллату дину фарҳангаш диққат намедодам. Боварӣ доштам, ки бо оиладоршавӣ ӯро ба сӯйи худ мекашам ва аз ҷумлаи мо мешавад. Сипас, ӯро ба издивоҷ даъват кардам. Аввалан, дар ҳайрат монд ва пасон гуфт, ки бо падару модараш суҳбат мекунад. Ман низ бо волидонам суҳбат карда, дар бораи Китика (номи аслии духтари чинӣ) маълумот додам. Онҳо низ дар ҳайрат буданд, аммо ман онҳоро мутақоид карда тавонистам. Масалан, бо оне, ки ӯ дини Исломро қабул мекунад. Либоси миллии моро ба бар карда, бо фарҳангу маданияти мо зиндагӣ менамояд. Ин гуфтаҳоям барояшон писанд омад, вале бовар намекарданд...",- нақл мекунад Муҳаммадҷон.

Муҳаммадҷон Қарабоев соли 2019 мактаби миёнаи №1-и ноҳияи Шаҳритусро хатм карда, як муддат дар Душанбе забони хитоиро омӯхта, сипас барои таҳсил ба Хитой рафтааст.

Китика (Хадиҷа), ки 21 сол дорад, мегӯяд, ӯ дар хона фарзанди ягона буд ва вақте падару модараш фаҳмиданд, ки мехоҳад ба як ҷавони тоҷик издивоҷ кунад, аввал тарс доштанд, ки Муҳаммадҷон ӯро фиреб медиҳад.

"Ман барои Муҳаммадҷон шуда, иваз кардани дину мазҳабу фарҳангамро пазируфтам. Дар бораи дини ислом, зиндагӣ дар Тоҷикистон ва фарҳанги тоҷикӣ маълумотнокиамро зиёд мекардам. Ҳатто калимаи шаҳодатро азбар намудам",- мегӯяд Китика.

Тӯйи Муҳаммадҷону Китика тоҷикона, бо оши наҳор ва риояи дигар анъанаҳои хоси тоҷикона баргузор шуд ва ҳама меҳмонон мехостанд, ки арӯси хитоиро аз пеш ба чашми худ бубинанд.

Инак, Муҳаммадҷон бо Хадиҷа ним сол боз зиндагӣ доранд. Муҳаммадҷон дар бонк кор мекунаду Хадиҷа дар як маркази забономӯзӣ муаллими забони хитоист.

Таҳияи Б. ФАРИДА

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Шиносномаи техникӣ аз хонаи истиқоматӣ бо суроғаи кӯчаи И. Сомонӣ, хонаи 3/2, бинои 1, ҳуҷраи 140 ба номи Мирзозода Нафиса бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

►Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин №0386173 аз 12.01 соли 2013 бо қарори №31 ба номи Ятимова Сангинмо, бинобар гум шудан, бэътибор дониста шавад.

►Аттестати хатми синфи даҳуми А №007080-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и шаҳри Ваҳдат (собиқ ноҳияи Орҷоникидзеобод) 14-уми июни соли 1992 ба Садриддинова Мунира Шарофиддиновна додааст, беэътибор дониста шавад.

►Аттестати хатми синфи даҳуми ШТА №978051-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №66-и (собиқ ноҳияи Фрунзе) ноҳияи Сино ба Рузиев Тохир Тагаевич додааст, беэътибор дониста шавад.

►Дипломи №ТВ-1 048620-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин, шуъбаи шабона, факултети филологияи тоҷик 05.02 соли 1991 ба Зайдуллоева Рафоат Гадоевна додааст, беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи дохилии шаҳрванди Олмон YZ7J3LFWZ ба номи Муродалиев Мақсад, ки 17.03 соли 2022 шаҳри Зиген (Siegen), Германия додааст, беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи ҳадяи базаи истеҳсолӣ №6шд-155 аз 05.08 соли 2010, ҳиссаи Зарипова Руқия Абдуллоевна, бо суроғаи шаҳри Ҳисор, ҷамоати деҳоти Деҳқонобод, деҳаи Гачак, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

►Аттестати хатми синфи нуҳуми А №281196-и гумшуда, ки онро муасссиаи таҳсилоти миёнаи умумии 43-и ноҳияи Сино соли 1994 ба Баратова Шахло Мирзорахимовна додааст, беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи шаҳрвандӣ бо силсилаи А0124436-и гумшуда, ки онро ШВКД-2 дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 08.02 соли 2018 ба Баратова Сарвиноз Мирзорахимовна додааст, беэътибор дониста шавад.

►Аттестати хатми синфи нуҳуми ШМА №0047550-и гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №98-и (собиқ муассисаи таҳсилоти умумии асосии №98) ноҳияи Рӯдакӣ (ҳозира ноҳияи Сино) соли 2004 ба Расулова Мохира Шаъмоновна додааст, беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши қисми маркази фарҳангӣ, маишӣ ва савдо дар ошёнаи аввал ва таҳхона таҳти феҳрести 9Ш-1685-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 14.12 соли 2015 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, хонаи 6 ба Абдуманонзода Шахбоз додааст, беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳрести 1Ш-812-и гумшуда, ки онро Сариддораи нотариалии давлатии ҶТ 14.08 соли 2009 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Назаршоев (собиқ Шапкина) хонаи 10, ҳуҷраи 12 ба Бобоёрова Дилбар Тешаевна додааст, беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши ҳуқуқи муассисӣ ва ҳисса дар сармояи оиномавии Ҷамъияти дорои масъулияти "Меъмори чирадасти фаъол дар сохтмон" таҳти феҳрести 2Ш-1927-и гумшуда, ки онро Сариддораи нотариалии давлатии ҶТ 19.11 соли 2021 ба Каримов Сухроб Шамсович додааст, беэътибор дониста шавад.

►Аттестати таҳти рақами 408635-и гумшуда, ки онро мактаби миёнаи рақами 12-и ноҳияи А. Ҷомӣ ба Гулов Манзар Салимович, соли таваллуди 26.12.1979 додааст, беэътибор дониста шавад.

►Дафтари ҳавлидории гумшуда ба номи Ашурова Насиба Нуралиевна бо суроғаи кӯчаи Мир 1, квартираи 11, ки ба Ашурова Насиба Нуралиевна дар асоси шартномаи хариду фурӯши квартира аз 14.07 соли 2022 зери феҳрести 8Ш 1.2082 тааллуқ дорад, беэътибор донист шавад.

►Шаҳодатномаи категорияи В, С, ки онро мактаби ронандагии шаҳри Душанбе соли 2014 ба Бобоёров Абдуллоҷон Парвардақулович додааст, бинобар гум шундан, беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Яккачинор 142/3, ҳуҷраи 21 ба номи Саидова Мубаро, бинобар гум шудан, беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи қарзи таҳти феҳрести 2Ш-1232-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи И.Сомонӣ 31.12 соли 2014 байни Якубов Нозимчон Музафарович ва Саидов Фирдавси Шарифович тасдиқ карда шудааст, беэътибор дониста шавад.

►Аттестати хатми синфи ёздаҳуми гумшуда, ки онро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №7-и ноҳияи Ховалинг, ҷамоати деҳоти Шугнов, деҳаи Сиёфарк соли 2010 ба Каримов Амриддин Фатҳуллоевич додааст, беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

►Кооперативи тиҷоратии “Қаноатшоҳ" РЯМ: 3310006031, РМА: 330003769, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоят муддати ду моҳ қабул карда мешаванд.

ҶАВОБИ СКАНВОРДИ №28

	Н	А	Д	А	Л		С	А	Ф	О	Л
Т				Ф			О				Е
О				З	У	Л	Ф				Б
Б				О		У					Р
Е				И	К	А	Р				О
И		Ш	А	Ш		Н		Б	А	Я	Н
Я	Л	А				Д		Р		К	
Т		М	А	Н	С	А	Р	А	Н	Е	С
		М		А			И		О		
О	В	А	Н	Г		М	А	Т	Б	А	Х
М				А	Л	И					У
О				С		С					С
Н				А	А	Р	Е				Е
И				К			В				Й
М	Е	С	С	И		М	А	Й	Д	О	Н

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ин ҳафта вохӯриҳои корӣ бобарор анҷом меёбанд. Кӯшиш намоед, ки телефонатон ҳамеша дар алоқа бошад. Ҳангоми бастани шартномаҳо тамоми ҳуҷҷатҳоро бодиққат аз назар гузаронед. Рӯзи чоршанбе даромади калон ба даст оварда метавонед, ба шарте, ки сиратонро ба касе фош насозед.



Савр
21.04 - 21.05

Ҳафтаи нав даромади пулӣ дар назар нест. Бинобар ин, пулҳоятонро эҳтиёт намоеду танҳо чизҳои заруртаринро харидорӣ кунед. Рӯзи сешанбе вохӯриҳои корӣ нагузаронед. Бастани шартномаҳоро дар ин рӯз ба саврҳо маслиҳат намедиҳем.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Кордонӣ ва чаққониатон дар дили шарикони корӣ боварию эътимодро қавӣ мегардонаду тиҷорататон ривоҷ меёбад. Нимаи якуми ҳафта ҷайби аксари зодагони бурҷи ҷавзо аз пул пур ва табъашон болида мегардад. Даромади калон ба даст меоред. Дар ҳаёти шахсиятон баъзе мушкилиҳо сар мезананд.



Саратон
22.06 - 23.07

Барои пур кардани ҷайб айёми беҳтарин аст. Ин ҳафта тамоми мушкилоти пулию молиатон ҳал мешавад. Нимаи дуюми ҳафта сарчашмаи нави даромад пайдо шуда метавонад. Аммо дар сарф кардани маблағ саросема нашавед.



Асад
23.07 - 22.08

Авали ҳафта масъалаҳои молиявиатонро ба низом дароред. Сар задани баҳсу ҷанҷоли калон бо дӯстони наздик дар назар аст, ки сабабаш шояд пул гардад. Ба эҳсосот дода шуданатон метавонад боиси нохушиҳо дар ҳаёти оилавӣ гардад.



Сумбула
23.08 - 22.09

Ҳафта аз нигоҳи молиявӣ муътадил аст. Рӯзи душанбе сумбулаҳо метавонанд пули калон ба даст оранд. Рӯзи сешанбею ҷумъа низ имкони пур кардани хазинаатон пайдо мешавад. Рӯзи шанбе ба шумо таклифҳои аҷиби корӣ мекунанд. Ошиқатонро беҳуда рашк накунед.



Мизон
25.09 - 22.10

Вақти аз об бардоштани ғалбер фаро расидааст. Зодагони бурҷи мизон метавонанд самараи меҳнати чандинсолаашонро бичашанд. Метавонед роҳату истироҳат намоед. Аммо ба айшу ишрат дода шуда, пурра холӣ кардани ҳамёнро ба мизонҳо маслиҳат намедиҳем.



Ақраб
23.10 - 22.11

Ҳафта аз нигоҳи молиявӣ бобарор аст. Имкони ба даст омадани маблағи калон вуҷуд дорад, бехтараш сарчашмаи даромад ва миқдори пулатонро фош насозед. Даромади ёфтаатон шонси истироҳат намуданро медиҳад. Дар муносибатҳои оилавӣ бошад, тамкин ва мехрубонӣ зарур аст.



Қавс
25.11 - 21.12

Мушкилоти ҳаёти оилавӣ метавонад кисаатонро холӣ кунад. Аммо бепулӣ табъатонро то дергоҳ хира намесозад, чунки аллакай рӯзи панҷшанбе маблағи хуб кор мекунед. Имкони бастани шартномаҳои фоиданок мавҷуд аст. Оғоз намудани тиҷорат барояатон қулай аст.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.01

Корҳои муҳимро нимаи аввали ҳафта ба сомон расонед. Бо шарикони кориатон даҳолӣ накунед, як сухани ноҷо метавонад ба тиҷорататон таъсири бад расонад ва ҳатто боиси аз шумо рӯй гардонидани нафароне гардад, ки нонатонро бо воситаи онҳо меёбед.



Далв
21.01 - 19.02

Ин ҳафта азоби бепулӣ намекашед. Имкони ба даст овардани пули калон мавҷуд аст, ба шарте, ки танбалӣ накарда, сидқан меҳнат намоед. Ҳамёнатон нимаи дуюми ҳафта пур ва кордатон болои равған мешавад. Дӯстдоштаатон мехрубонии бештар мехоҳад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Вазъи молиявии ҳутҳо ин ҳафта калаванда мешавад. Ба кумаки шахси наздикатон умед баста метавонед. Аммо фикри қарзи бафоиз гирифтанро аз саратон дур намоед, то ба ботлоқи қарздорӣ наафтед. Бо пули калон дар кӯчаю бозор гаштанро ба ҳутҳо маслиҳат намедиҳем.



10 МАСЛИҲАТ БА ОДАМОНИ ДИЛКАСАЛ ДАР ГАРМО

1. Ҳамеша бо худ дорухои таъиншударо гиред.

2. Ҳатман он доруеро, ки барои субҳ духтур таъин кардааст, истеъмол намоед.

3. Ҳангоми аз хона берун шудан бо худ бояд оби бегаз дошта бошед.

4. Бо худ рӯймол ва ё дастпоки коғазӣ гиред, то ин ки дар вақти зарурат онро тар намуда, дасту рӯй ва пойҳоро тар карда, бо ин васила ҳарорати бадани худро муътадил нигоҳ доред.

5. Дар офтоб худро насӯзонед ва мунтазам аз нурҳои сӯзони офтоб дурӣ ҷӯед.

6. Агар ҳаво хеле гарм бошад, хуб мешавад, ки аз хона берун нашавед.

7. Либосҳо аз матои табиӣ пӯшед.

8. Рӯзона на камтар аз якуним литр об нӯшед.

9. Ба низоми таомҳо ва ғизои парҳезӣ гузаред, меъдаро бо ғизои вазнин пур накунед.

10. Хеле муҳим аст, ки шароб истеъмол нанамоед ва сигор ҳам накашед.

РОҲҲОИ ПЕШГИРИИ АРАҚКУНӢ

Баробари оғоз шудани фасли тобистон, чизе, ки зану мардро баробар ба ташвиш меорад - ин арақ кардан аст. Дар ҳавои 40-50% гарм баъзан ҳатто дезодорантҳои қиматбаҳо низ пеши роҳи арақкуниро гирифта наметавонанд, вале воситаҳои оддии халқие ҳастанд, ки одамро аз тар шудан дар обу арақ наҷот медиҳанд.

Гиёҳоб ва маҳлулҳо

Растаниҳои табобатӣ барои рафъ намудани бӯйи нохуши арақи бадан таъсири оличаноб мерасонанд. Аз ҷумла булут ё календула арақи баданро ба зудӣ хушк мекунад. 1 қошуқ решаи дарахти булутро дар як истакон оби ҷӯшида, дар болои оташи паст 15 дақиқа ҷӯшонед ва баъди хунук шуданаш бо ин об ҷойҳои арақмекардаи пӯстатонро тоза кунед.

Барои дар чунин гиёҳоб нигоҳ доштани пойҳо 3 қошуқ пӯсти дарахти булутро ба зарфе андозед ва аз болояш оби ҷӯшида рехта, монед тақрибан як соат истад, баъдан обро полонида, пойҳоятонро 15-20 дақиқа дар он нигоҳ доред.

2 қошуқ гулҳои хушки календуларо дар 1 литр оби ҷӯшидагӣ камтар ҷӯшонед, сипас аз дока полонда, поятонро дар ин об нигоҳ доред.

Маслиҳатҳои муфид

Барои он ки атрофиён аз бӯйи арақи бадани шумо гурезон нашаванд, чанд қоидаи оддиро риоя намоед.

Аз дезодорант ва антиперспирант истифода баред. Шумо бояд фарқи дезодорантро аз антиперспирант донед. Бӯйи дезодорант бӯйи арақро маҳв месозад, антиперспирант бошад, монеи арақ кардан мегардад. Барои он ки ба саломатиятон зарар нарасад, баъди 8 соати молидани антиперспирант онро шустан лозим аст.

Кӯшиш накунед, ки бӯйи арақро бо атр пинҳон созед. Агар шумо бӯйи арақи бадани худро эҳсос мекарда бошед, донед, ки шахсони дар паҳлуятон нишаста аз ин бӯйи бад аллакай нафасгир шуда истодаанд.

Даво аз яхдон

Баъзе намудҳои маҳсулот арақкуниро кам ва бӯйи нохушро рафъ месозанд, аз ҷумла, сиркои себин, шарбати лимӯ ва содаи хӯрока.

Миқдори баробари об ва содаро омехта карда, ба таги каш ва пошнаи пойҳоятон молед. Шарбати лимӯ пӯстро хушк месозад ва ба микроорганизмҳо имкон намедиҳад, ки афзоиш ёфта, бӯйи нохушро ба вучуд биёранд. Шарбати лимӯ барои пӯсти ҳасоси таги каш тавсия дода намешавад, вале барои пошнаи пой айни муддао аст.

Дар 1 истакон об 1 қошуқча содаи хӯрока андохта, кобед, антиперспиранти табиӣ омода мегардад.

Оби бисёр нӯшед!

Гигиенаро риоя намуда, оби зиёд менӯшида бошед, арақи шумо бояд бӯйи бад надошта бошад. Бӯйи нохуши бадан нишонаи як қатор бемориҳост. Аз ҷумла:

Ҷӯробҳоятон бӯйи бад мекарда бошанд, донед, ки гирифтори бемориҳои замбурӯғӣ гаштаед.

Бӯйи аммиак доштани арақи бадан гувоҳи бемориҳои ғадуди сипаршакл ва баландшавии қанд дар хун мебошад.

Бӯйи атсетон аксаран аз касалии қанд ва бемориҳои гурда дарак медиҳад.

Бӯйи хлор аз халалёбии кори ҷигар ва гурдаҳо далолат медиҳад.

Бӯйи моҳӣ баъди истеъмоли антибиотик ва бемориҳои рӯдаву меъда пайдо мешавад.

Латофат Барзиева:

ПОТЕНСИАЛИ МАРО ИСТИФОДА НАКАРДАНД!



Санаи 19-уми июл қалби Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, актрисаи шинохта Латофат Барзиева аз тапидан бозмонд. Марҳум 74 сол дошт. Марги ӯро аҳли ҳунар ногаҳонӣ арзёбӣ мекунанд, зеро чанде пеш дар намоиши "Ишқ ва қурбониҳояш" бо иҷрои яке аз нақшҳои марказӣ ба саҳна баромада буд…

Латофат Барзиеваро қариб ҳар ҳафта рӯзҳои истироҳат дар толори матбуоти даврии Китобхонаи миллии Тоҷикистон медидам. Ман барои таҳқиқоти илмиам мавод мекобаму эшон нашрияҳои давриро мутолиа мекунанд. "Ҳамаи газетаҳоро мехонам. Ҳам ҷумҳуриявӣ, ҳам музофотиро. Телевизион тамошо намекунам. Асабам хароб мешавад",- мегуфт ӯ. (Баъдан, касе ба ман гуфт, ки ӯ ҳатто дар хонааш телевизор надошт). Ҳафтае, ки дар нашрияҳо навиштаи дилхоҳ пайдо намекард. бо эҳсоси норизоӣ мегуфт: "Ҳеҷ чизи нағз нест, чирту пирт, саҳифапуркунӣ...". Ин як навъ эътирози ӯ ба мани журналист ҳам буд.

Борҳо Латофат Барзиеваро барои мусоҳиба даъват мекардам. Нахуст розӣ шуд, ҳатто рақами телефонашро дод, вале баъдан рад кард. "Ба кӣ даркор мусоҳибаи ман?" гуфта, даст меафшонд.

Каме озурдахотир буд.

Боре дар роҳрави китобхона пурсидам, ки машғули чӣ кореду? Оҳи сарде кашиду гуфт:

- Ман як умр бекорам. Афсӯс, ки аз потенсили ман истифода накарданд. Умрам беҳуда гузашт.

Пас аз ин ба худ суол додам, ки оё умри Латофат Барзиева, тавре худаш мегӯяд, беҳуда гузашт? Ӯ ҳам ҳақ аст, ҳам не! Воқеан, аз тавонмандии бозигарии ӯ истифода нашуд. Номбурда актрисаи характернок буд. Амплуаи номаҳдуд дошт. Босалобату саҳназеб буд. Овози марғуладоре дошт, ки ҳадафро ба қалби тамошобин расонида метавонист.

Ӯ соли 1973 пас аз хатми Донишкадаи давлатии санъати ба номи М. Турсунзода дар Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ фаъолияташро шуруъ намуд ва бо силсилаи нақшҳои офаридааш худро ҳамчун актрисаи бомаҳорат муаррифӣ кард. Образҳои офаридааш аз рӯи хислату амалиёт фарқ доранд, лекин умумияташон иҷрои самимии онҳо аз сӯи ҳунарпеша мебошад. Дар бисёр намоишномаҳо нақшофарӣ кард ва бо талошу омӯзиши пурсаброна симои қаҳрамононашро пурра мекушод. «Мирзо Ризо», «Муфаттиш», «Фелисяна», «Камбағалӣ айб нест», «Қуллаи Фудзияма», «Хатро ман навишта будам», «Роҳзан ва кӯзагар», «Шоҳ Эдип», «Шоҳ Лир», «Синдбоди дарёгард», «Зебуниссо», «Дӯсти ман-душмани ман», «Умари Хайём», «Парвози Шоҳин», «Бист дақиқа бо фариштa», «Шоҳ Исмоили Сомонӣ», «Бой ва хидматгор», «Раъду барқ», «Ҷияни хира», «Афсонаҳои мӯйсафед», «Моҷаро дар Кёза», «Дохунда», «Интизорӣ», «Парвози Сабзабаноз» аз ҷумлаи спектаклҳоеянд, ки истеъдодаш дар онҳо ҳувайдо гардидааст. Дар бисёр намоишномаҳои кӯдакона низ ҳунар озмудааст. Тавонмандии ҳунарии ӯ дар спектаклҳое, ки Ҳошим Гадо ба саҳна гузошта буд, кушода шудааст.

Латофат Барзиева дар филмҳо ва намоишҳои телевизионӣ низ нақшҳои ҷолиб офаридааст. Нақшҳои офаридаи ӯ дар филмҳои "Рамида" ва "Саргардонӣ"-и режиссёр Абдулҳай Зокиров дар дили тамошобин маъво гирифтаанд. Бештар нақшҳои ҳаҷвӣ иҷро мекард. Ӯро солҳои охир ҳамчун иҷрокунандаи нақши хушдоманҳои золим шинохта буданд.

Вале зоҳиран, Латофат Барзиева аз тақдири ҳунариаш розӣ набуд. Пас аз он, ки аз Театри Лоҳутӣ рафт, муддате бекор буд. Хушбахтона, Театри "Аҳорун" ӯро ба кор ҷалб кард. Кам ба саҳна мебаромад, вале ба ҳар ҳол хумор мешикаст. Чанде пеш дар спектакли "Ишқ ва қурбониҳояш" ба саҳна баромада буд. Пас аз намоиш пушти саҳна табрикқунӣ рафтем. Гуфт: "Ташаккур ба ҷавонҳои театр, маро ба саҳна баргардониданд". Нақшофарӣ дар ин спектакл лаҳазоти ахири умри ҳунарпеша будаанд...

Охирин маротиба банда Латофат Барзиеваро дар таҷлили ҷашни 85-солагии Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Марям Исоева дидам. Ӯ ба саҳна баромада, ин устоди ҳунарро табрик карду ҳамагонро ба ҳайрат гузошт, зеро қазияи ин ду ҳунарпешаро барои як нақш аҳли ҳунар медонанд.

Дар нахустнамоиши "Шоҳ Эдип" Марям Исовева ва Латофат Барзиева ҳамбозӣ (дублёр) буданд. Нахустнамоишро бояд Исоева бозӣ мекард. Вале дар рафти намоиш Исоева аз пушти саҳна набаромада, Барзиева, ки пинҳонӣ либос пӯшида, грим карда, дар қатори аввал, байни тамошобинон менишаст, ба саҳна мебарояд ва нахустнамоишро иҷро мекунад. Мегӯянд, он рӯз нотакрор буд. Бо Ҳошим Гадо саҳнаро тарконидаанд. Гарчанде ин амалаш сабаб шуд, ки корро дар ин театр барои муддате қатъ кунад.

Бинобар ин, ба табрики Марям Исоева омадани Латофат Барзиева ҳамагонро дар ҳайрат гузошт. Имрӯз сабаби омаданашро дарк мекунам...

Латофат Барзиева дар саҳнаи тоҷик нақши абадии хешро гузошт. Ӯро тамошобин ҳамеша ба некӣ ёд хоҳад кард. Ёдаш ба хайр!

Н. ОДИЛ

Тақвими ТОҶИКИСТОН

22-ЮМИ ИЮЛ

ҶУРА БАҚОЗОДА (1937-2012), 85-солагии зодрӯзи адабиётшинос, олими соҳаи филология.

ХОСИЯТ ҚОСИМОВА (1942), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология, Қорманди хизматнишондодаи Тоҷикистон.

ТУЙЧӢ ҚУРБОНОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисодиёт, Қорманди шоистаи Тоҷикистон.

23-ЮМИ ИЮЛ

СОАТМУРОД ОРТАБОЕВ (1922-2000), 100-солагии зодрӯзи чорводор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

САБОҲ (1957), 65-солагии зодрӯзи адиб.

24-УМИ ИЮЛ

НОСИРҶОН МАҲМУДОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

РОМИЛ НОДИРОВ (1967), 55-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ, генерал-лейтенант.

ВАЛЕНТИНА ФРАНСУЗОВА (1937), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

25-УМИ ИЮЛ

ВИТАЛИЙ ОРЛОВ (1957), 65-солагии зодрӯзи Журналисти хизматнишондодаи ҷумҳурӣ.

ҲОТАМ ЮНУСОВ (1947-1997), 75-солагии зодрӯзи сароянда, мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

ВАЛЕРИЙ ПАШКОВ (1942), 80-солагии зодрӯзи меъмор, дорандаи Ҷоизаи ба номи Рӯдакӣ.

ТУРҒУН РӮЗИЕВ (1932), 90-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

26-УМИ ИЮЛ

ҒАЙБУЛЛОҶОН ШАРИФОВ (1952), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

БЕРДӢ ВАЛИЕВ (1947), 75-солагии зодрӯзи Журналисти хизматнишондодаи ҷумҳурӣ.

ҶАҲОНГИР НИЗОМОВ (1947), 75-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор, академик.

ВИТАЛИЙ КОЛОМИЕТС (1947), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб, Қорманди шоистаи Тоҷикистон.

27-УМИ ИЮЛ

ХОЛМАҲМАД ШАРИФОВ (1912-1996), 110-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

САИДРИЗО АЛИЗОДА (1887-1938), 135-солагии зодрӯзи олими соҳаи филология, забоншинос, публитсист, тарҷумон.

АСАФ ОЧИЛДИЕВ (1932), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

28-УМИ ИЮЛ

ИВАН БАРАНОВ (1902-1962), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи ботаника, тадқиқотчии набототи минтақаи Помир.

ЮРИЙ ГИЛЛЕР (1937), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

АЛИҶОН НАИМОВ (1967), 55-солагии зодрӯзи доктори илми физика ва математика, профессор, академик.

МИРСАИД ЯҲЁЕВ (1957), 65-солагии зодрӯзи чемпиони ҷаҳон оид батаэквондо.

Таҳияи С. ГУЛОВ, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

ҶУДО

ШИРКАТ ВА НОКОМИИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИК ДАР ZAGREB GRAND PRIX 2022

Аз 15 то 17-уми июл дар пойтахти кишвари Хорватия мусобиқаи Zagreb Grand Prix 2022 баргузор шуд, ки дар ин мусобиқа 7 нафар аз Тоҷикистон ширкат карданд.



Муҳаммад Маҳмадизода, Муҳаммадсолеҳ Қувватов (дар вазни -60 кг), Шаҳбоз Саидаброров, Алиҷон Сафаралиев (дар вазни -66 кг), Наврӯз Каримзод (дар вазни -73 кг), Шодмон Ризоев (дар вазни -81 кг) ва Ҷаҳонгир Маҷидов (дар вазни -90 кг) буданд, ки Тоҷикистонро намояндагӣ карданд. Комроншоҳи Устопириён, ки қаблан дар рӯйхати ширкаткунандагон буд, бо далели осеб бардоштан ширкат накард.

Натиҷаи беҳтарро Ҷаҳонгир Маҷидов нишон дод. Ӯ нерӯсанҷиро аз даври дуюм шуруъ карда, бар намояндаи Латвия Алексей Зарудневс, дар даври сеюм бар паҳлавони маъруфи сербӣ Неманя Майдов пирӯз шуд, вале дар чорякфинал аз варзишгари Бразил Рафаэл Маседо ва дар қувваозмоии тасаллобахш аз намояндаи Нидерланд Ноэл Ван`т Энд мағлуб гардида, ҷойи ҳафтумро гирифт.

Муҳаммад Маҳмадизода (-60 кг) рақобатро аз даври дуюм муқобили Якоб Мор аз ИМА оғоз карда, пирӯз шуд, аммо дар даври сеюм аз варзишгари ботаҷрибаи Ҷопон Генки Кога мағлуб гардид. Муҳаммадсолеҳ Қувватов (-60 кг) низ ба рақобат аз даври дуюм пардохта, аз намояндаи Гурҷистон Гиорги Сардалашвили ном шуд.

Алиҷон Сафаралиев (-66 кг) дар нахустин қувваозмоияш аз Страхиня Бунчич (Сербия) шикаст хӯрд. Дар ин вазн Шаҳбоз Саидаброров нерӯсанҷиро аз даври дуюм бар зидди Майкл Фрайер аз Британиёи Кабир шуруъ карда, ғолиб шуд. Мутаассифона, дар даври сеюм аз Ҷе-Ҳон Ан аз Корея мағлуб гардид.

Наврӯз Каримзод (-73 кг) ва Шодмон Ризоев (-81 кг) дар нахустин рақобаташон аз ҷудокорони Полша - Ксавери Морка ва Себастян Мартсинкевич бо гирифтани се танбеҳ ном шуданд.



ЧОР КИШВАР ТАЛАБГОРИ МИЗБОНИИ МУСОБИҚААНД

Конфедератсияи футболи Осиё (AFC) 18-уми июл эълон кард, ки чор иттиҳодияи футбол барои баргузории бозиҳои ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 изҳори ҳавасмандӣ кардаанд.

Пас аз даъвати AFC ба ҳамаи ассотсиатсияҳои узв барои баргузории финали Ҷоми Осиё-2023 ассотсиатсияҳои футболи Австралия, Индонезия, Кореяи Ҷанубӣ ва Қатар талабгори мизбонии Ҷоми Осиёр шудаанд.

То 31-уми август кишварҳо бояд барномаи кафолатро пешниҳод кунанд. Пас аз он маъмурияти AFC пеш аз интихоб ва эълони мизбони Ҷоми Осиё-2023 бо ширкати 24 даста баҳодиҳии умумии дархостҳоро баргузор мекунад. Қарор дар бораи кишвари мизбон дар ҷаласаи Кумитаи иҷроияи КФО рӯзи 17-уми октябр қабул мешавад.

Дастаи мунтахаби Тоҷикистон бо роҳбарии мутахассиси хорватӣ Петр Сегрт барои нахустин бор дар таърихи худ ба марҳилаи финалии Ҷоми Осиё, ки аз 16-уми июн то 16-уми июли соли 2023 баргузор мешавад, роҳ ёфт. Ба ҷуз аз Тоҷикистон дастаҳои Ҷопон, Сурия, Қатар, Кореяи Ҷанубӣ, Австралия, Эрон, Арабистони Саудӣ, Аморати Араб, Чин, Ироқ, Уммон, Ветнам, Лубнон, Урдун, Фаластин, Ӯзбекистон, Тайланд, Ҳиндустон, Ҳонконг, Баҳрайн, Малайзия, Қирғизистон ва Индонезия ҳам дар финали Ҷоми Осиё-2023 ширкат мекунанд.

ФУТБОЛ

ДУ ШИКАСТИ ҶАВОНОНИ ТОҶИК ДАР БОЗИИ ДӮСТОНА БО АРАБҲО

Дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) дар шаҳри Абҳаи Арабистони Саудӣ бо дастаи ҷавонони ин кишвар ду бозии дӯстона анҷом дод ва дар ҳарду бозӣ ба шикаст мувоҷеҳ шуд.

Дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) таҳти роҳбарии сармураббӣ Аҳлиддин Турдиев дар бозии якуми дӯстона бо ҳамсолони худ аз Арабистони Саудӣ бо натиҷаи 0:1 мағлуб шуд. Бозии дуюм низ бо бартарии арабҳо ба охир расид ва онҳо бо ҳисоби 0:3 пирӯз шуданд.

Бозиҳои дӯстона бо Арабистони Саудӣ барои дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз марҳилаҳои омодагӣ ба бозиҳои интихобии Ҷоми Осиё-2023 ба ҳисоб меравад. Дар даври интихобӣ, ки аз 14 то 18-уми сентябр дар Душанбе баргузор мешавад, футболбозони ҷавони Тоҷикистон дар гуруҳи “I” бо дастаҳои мунтахаби ҷавонони Камбоҷа, Лубнон ва Сингапур бозӣ мекунанд.

Ғолибони даҳ гуруҳи интихобӣ ва панҷ дастаи беҳтарин, ки ҷойҳои дуюмро мегиранд, ба марҳилаи ниҳоии Ҷоми Осиё-2023 байни ҷавонон, ки аз 1 то 18-уми марти соли оянда дар Ӯзбекистон баргузор мешавад, роҳ меёбанд.

ФУТБОЛ

БОЗИҲОИ ДӮСТОНАИ ДАСТАҲОИ ӮЗБЕКИСТОНУ ТОҶИКИСТОН

Дастаҳои мунтахаби футзали Ӯзбекистону Тоҷикистон дар Ҷиззах се бозии дӯстона анҷом доданд, ки ду бозӣ мусовӣ ба охир расид ва дар як бозӣ соҳибони майдон пирӯзӣ ба даст оварданд.

Дар вохӯрии якум бозӣ бо натиҷаи 4:4 ба охир расид. Голҳои дастаи Тоҷикистонро Умед Кузиев, Баҳодур Хоҷаев, Идрис Ёров, Дилшод Саломов заданд. Бозии дуюм бо ҳисоби 2:2 анҷом ёфт, ки ҳарду голи Тоҷикистонро Бахтиёр Солиев зад.

Бозии сеюм бо пирӯзии футзалбозони Ӯзбекистон (5:1) анҷом ёфт. Аз ҳайати дастаи мо голи ягонаро Идрис Ёров вориди дарвозаи дастаи Ӯзбекистон кард.

Барои дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон бозиҳои дӯстона марҳилаи омодагӣ ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2022, ки аз 27-уми сентябр то 8-уми октябр дар Кувайт баргузор мешавад, ба ҳисоб мераванд. Дар Ҷоми Осиё дастаи мо дар гуруҳи «B» бо дастаҳои Баҳрайн (27-уми сентябр), Ӯзбекистон (29-уми сентябр) ва Туркманистон (1-уми октябр) бозӣ мекунад.

ВАРЗИШИ САБУК



ВАРЗИШГАРИ ТОҶИКИСТОН ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН БА ҲАДАФАШ РАСИД

15-уми июл дар шаҳри Юҷини иёлати Орегони Амрико Чемпионати ҷаҳонии варзиши сабук оғоз гардид, ки дар он намояндаи Тоҷикистон ширкат кард ва ба ҳадафаш расид. Мусобиқа то 24-уми июл идома меёбад.

Дар чемпионат 49 намуди мусобиқа (48 мусобиқа миёни мардон, 48 мусобиқа миёни бонувон ва 1 мусобиқаи омехта) баргузор мешавад, ки дар он 1900 варзишгар аз беш аз 190 кишвари дунё ширкат доранд.

Тоҷикистонро дар чемпионат Илдар Аҳмадиев, ки дар Бозиҳои олимпии Токио-2020 ширкат кардааст, дар дав ба масофаи 100 метр намояндагӣ кард.

Мусобиқа дар масофаи 100 метр миёни мардҳо 15-16-уми июл баргузор гардид. Илдар дар даври интихобӣ бо натиҷаи 10.66 сония дар дастааш дуюм шуда ба мара расид ва ба даври гуруҳӣ роҳхат гирифт. Ӯ дар марҳилаи интихобӣ миёни 28 нафар 9-ум шуд, вале дар даври дуюм дар гуруҳаш натиҷаи 10.85 сонияро нишон дода, дар даври дуюм миёни 57 нафар 55-ум ва аз идомаи сабқат маҳрум шуд.

Ба иттилои Кумитаи миллии олимпии Тоҷикистон, Аҳмадиев, ки ба даври гуруҳӣ роҳ ёфт, ҳадафашро иҷро кардааст. Бори аввал як даванди тоҷикистонӣ тавонист ба даври гуруҳии Чемпионати ҷаҳон барояд.

Мураббии варзишгар Ғайрат Негматов ба Sports.tj гуфтааст, пас аз осеб дидан, ки то ҳол барқарор нашудааст, Илдар наметавонист натиҷаи беҳтарро нишон диҳад.

Дар масофаи 100 метр миёни мардҳо се ҷои аввалро намояндагони Амрико ба даст оварданд. Фред Керлей бо натиҷаи 9.86 сония ҷои аввал, Марвин Бреси бо натиҷаи 9.88 сония ҷои дуюм, Трейвон Бромел бо натиҷаи 9.88 сония ҷои сеюмро ишғол карданд.

ШАКАРХАНД

Атса

Дар маҳбас як зиндонӣ аз дигараш мепурсад:

- Ту барои чӣ ба ин ҷо омадӣ?

Зиндонии дуюм мегӯяд:

- Барои сулфа.

Зиндонии якум ҳайрон мешавад:

- Чӣ хел?

Зиндонии дуюм:

- Э ман атса задам, посбон бедор шуд.

Меҳри модар

Кӯдаке ба мураббияаш мегӯяд:

- Очаам маро сахт дӯст медоранд.

Мураббия барои кӯдакро санҷидан мепурсад:

- Ту аз кучо медонӣ, ки сахт дӯст медорад?

Кӯдак мегӯяд:

- Барои он ки падарҳоям зуд-зуд иваз мешаванд, вале очаам маро ҳеҷ гоҳ иваз намекунанд.

Маҳбаси зан

Зане ба маҳбас ба хабаргирии шавҳараш меравад:

- Мардак, чӣ ҳол дорӣ?

Мард мегӯяд:

- Қариб ки мисли хона, хӯроки бемаззаву ба ягон ҷо рафтан мумкин нест.

Муаллими бесавод

Падар аз писараш мепурсад:

- Ҳа, писарам, хонданат дар мактаб чӣ хел?

Писарак дар ҷавоб:

- Бад. Муаллим пайваста мепурсаду мепурсад. Аз афташ худаш чизеро намедонад.

Табиб

Табиб ба марде, ки аз дари утоқаш ворид мегардад, хитоб мекунад:

- Либосатонро кашед!

Мард:

- Барои чӣ?

Табиб:

- Ман табиб ҳастам, хубтар медонам барои чӣ!

Мард либосашро мебарорад.

Табиб мепурсад:

- Шуморо чӣ ташвиш медиҳад?

Мард дар ҷавоб:

- Ман ангиштсанг овардам, дар кучо мошинро холӣ кунам?

Туҳфа

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Мардак, дар зодрӯзат чӣ туҳфа мехоҳӣ?

Мард дар ҷавоб:

- Намедонам.

Зан боз мепурсад:

- Дилат чӣ мехоҳад, охир?

Мард мегӯяд:

- Ҳамсоязанро аз ошёнаи чорум.

Таҳияи
Нодира РАҶАБОВА





ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲАНД!

РОҲИ ҚАТОРАҲО БА РУСИЯ БОЗ ШУД

Ба ҳамагон маълум аст, ки пас аз хурӯҷи бемории коронавирус ҳаракати қатораҳо миёни Тоҷикистону Русия қатъ шуда буд. Инак, маҳдудиятҳои давраи пандемия бекор шуданд ва Русия роҳҳояшро ба ҷаҳониён боз кард. Мехостам донам, ки ҳаракати қатораҳо ба самти ин кишвар кай оғоз хоҳад шуд?

Саидҷон ҲАЛИМОВ,
шаҳри Душанбе


КОМИЛ МИРЗОАЛӢ

Ҳаракати қатораҳои мусофиркаш байни Тоҷикистону Русия, ки аз 17-уми марти соли 2020 бо сабаби коронавирус мутаваққиф шуда буд, аз 30-юми августи соли 2022 оғоз мешавад. Рӯзи 18-уми июл РЖД (Ширкати "Роҳҳои оҳани Русия") бо нашри як иттилоия гуфт: "Бар асоси маълумотномаи ширкати фаръии давлатии "Роҳи оҳани Тоҷикистон", аз 30-юми август байни Русия ва Тоҷикистон мусофиркашонӣ аз тариқи роҳи оҳан аз сар гирифта мешавад".

Қарор аст, ки ҳаракати қатораҳои мусофиркаш аз шаҳрҳои Душанбе ва Хуҷанди Тоҷикистон то шаҳри Волгогради Русия ба роҳ монда шавад.

Матлабҳои марбут

Ҷадвали ҳаракати қатораҳои ширкати "Роҳи оҳани Тоҷикистон" чунин аст:

- аз 30-юми август - хатсайри N329/330 Душанбе - Волгоград ҳафтае як маротиба, рӯзҳои сешанбе аз Душанбе ба самти Волгоград ҳаракат карда, рӯзҳои ҷумъа аз Волгоград ба самти Душанбе ба роҳ мебарояд;

- аз 7-уми сентябр - хатсайри N359/360 Хуҷанд - Волгоград ҳафтае як маротиба, ҳар рӯзи чоршанбе аз Хуҷанд ва рӯзҳои шанбе аз Волгоград ба роҳ мебарояд.

Сафар бо қатораи роҳи оҳан аз Тоҷикистон то Русия ва баръакс се шабонарӯзро дар бар мегирад. РЖД гуфт, ки фурӯши чиптаҳо бояд рӯзҳои наздик оғоз шавад. Нархи чиптаи хатсайри Душанбе-Волгоград 1500 то 2000 сомонӣ пешбинӣ шудааст.

Ёдовар мешавем, ки моҳи марти соли 2020 Русия бо сабаби коронавирус марзҳояшро баст ва мусофиркашониро бо аксари кишварҳои дунё, аз ҷумла бо Тоҷикистон қатъ кард. Парвози мунтазами ҳавопаймоҳо байни ду кишвар аз 1-уми апрели соли 2021 аз сар гирифта шуд, вале азсаргирии ҳаракати қатораҳову автобусҳо қариб дувуним сол тӯл кашид.

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН
ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН